ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 1 (091) (575.3)

**СУЛАЙМОНОВ БАҲМАНЁР САЙДИҲСОНОВИЧ**

# МАНТИҚ ВА НАҚШИ МЕТОДОЛОГИИ ОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси
09.00.03 – Таърихи фалсафа

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Аҳмадов Саид** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br>**Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;<br>**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ. |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |

Ҳимояи диссертатсия «02» апрели соли 2026, соати $14^{00}$ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**

# Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар марҳилаи кунунии рушди илмҳои фалсафӣ таҳлили таълимоти мантиқии мутафаккирони форсу тоҷик – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки ҷавобгӯйи ниёзҳои амалии омӯзиши мероси фалсафӣ дар шинохти решаҳои ақлонӣ ва фарҳанги кишварҳои шарқӣ мебошад.

Имрӯз, дар шароити ҷаҳонишавии илм ва бархурди тамаддунҳо, баррасии низоми мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони гузашта аҳаммияти тоза пайдо кардааст. Афкори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки дар заминаи муколамаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб ташаккул ёфтаанд, имрӯз низ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор доранд. Бо вуҷуди он ки дар бораи таълимоти мантиқии ҳарду мутафаккир корҳои зиёди пажуҳишӣ анҷом ёфтааст, таҳлили бонизом ва методологии таълимоти онҳо дар соҳаи мантиқ ва маърифат, бахусус, дар шакли муқоисавӣ то кунун сурат нагирифтааст. Бинобар ин, муаллиф талош кардааст, ки ин холигии назариявиро пур кунад.

Мавзуи таҳқиқ, аз як тараф, ба масъалаи асосии таърихи мантиқ ва фалсафа – рушду таҳаввули тафаккури мантиқӣ ва низоми маърифат дар андешаҳои ин мутафаккирон равона шудааст, аз ҷониби дигар, он ба баҳсҳои илмию методологӣ ворид мешавад, ки имрӯз дар атрофи мантиқ ва фалсафаи асримиёнагии Шарқ ҷараён доранд. Яке аз баҳсҳои муҳим он аст, ки оё фалсафаи форсу тоҷик танҳо бозсозии фалсафаи юнонӣ аст, ё худ дорои низоми мустақили назариявӣ бо сохтор, мақсад ва методологияи хоси худ мебошад? Таҳқиқ ва баррасии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи мафҳуму қазия, қиёсу бурҳон ва маърифат метавонад ба ин баҳс посух гӯяд.

Аҳаммияти мавзуъ, ҳамчунин, дар заминаи методологияи таҳқиқ зоҳир мегардад. Дар аксари таҳқиқоти қаблӣ ба тавсифи таърихӣ ва мазмунӣ бештар таваҷҷуҳ шуда, таҳлили матншиносӣ, герменевтикӣ ва муқоисавии

истилоҳоти мантиқии ин мутафаккирон маҳдуд боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот, бо татбиқи равишҳои муосири фалсафӣ ва таҳлили матншиносӣ, ки ба талаботи илмии имрӯз мувофиқанд, метавонад ба такмили методологияи омӯзиши фалсафа ва мантиқ мусоидат кунад.

Ғайр аз ин, бо вуҷуди пажуҳиши васеи афкори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бештари корҳои илмӣ, асосан, ба паҳлуҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии онҳо равона шудаанд, дар ҳоле ки низоми мантиқии онҳо ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст. Бо назардошти эҳёи таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба илм ва фалсафа, омӯзиши мероси мантиқии чунин шахсиятҳо барои муаррифии саҳми фарҳанг ва тамаддуни асримиёнагии форсу тоҷик дар рушди умумибашарии маърифат аҳаммияти куллӣ дорад.

Мубрамии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он аст, ки дар муҳити илмию фалсафии муосир ба таҳияи моделҳои нави илмӣ ва фарҳангии фаҳмиши мантиқ, маърифат ва асосҳои ақлонӣ ниёз пеш омадааст. Аз ин рӯ, мероси Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо як анъанаи гузашта, балки захираи муҳим барои тарбияи тафаккури интиқодӣ ва таҳлили илмӣ дар шароити ахлоқиву фарҳангии муосир ба шумор меравад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар такмили барномаҳои таълимӣ дар риштаҳои «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи афкори фалсафӣ», «Фалсафа ва методологияи илм», «Таърих ва фалсафаи илм» ва ғайра истифода шаванд. Хулосаҳои илмӣ метавонанд асоси таҳияи дастурҳои методӣ ва таълимӣ бошанд ва барои омӯзиши амиқи мантиқ ва фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат кунанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи луғатҳои махсуси фалсафӣ ва китобҳои дарсӣ низ аҳаммияти амалӣ доранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Диссертатсияи мазкур таҳлили таълимоти мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, нишон медиҳад, ки баъзе ҷанбаҳои ин масъала дар илми фалсафа, хусусан, дар риштаи таърихи фалсафа ва фалсафаи муосир дар марҳилаҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор доштааст. Бо вуҷуди он

ки дар бораи фаъолияти фалсафии ин ду мутафаккир корҳои зиёде анҷом ёфтаанд, аммо омӯзиши махсус ва системавии низоми мантиқӣ ва маърифатии онҳо бо равиши муқоисавӣ, то кунун мавзуи таҳқиқ қарор нагирифтааст. Муҳимтарин корҳои анҷомёфта дар ин самтро метавон дар шакли зер овард:

1. Омӯзиши шароити таърихӣ ва таҳлили сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳаёт, эҷодиёт ва афкори фалсафии Абунасри Форобӣ [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 14; 43], аз ҷумла, андешаҳои инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва табиатшиносии ӯ дар асарҳои як қатор муҳаққиқон бозтоб ёфтааст. Аз ҷумла, чунин ҷанбаҳои таълимоти Форобӣ дар корҳои илмии Н. Решер [67; 68], М. Хайруллоев [40; 41], Б.Г. Гафуров [23], А. Касымжанов [31], А.В. Сагадеев [35], Б. Шукрӣ [69], С. Чатти [54], Ҷ. Ал-Имронӣ [56], Ҷ. Ламир [64], Ф.В. Зиммерман [71], А.Л. Казибердов, С.А. Муталибов [30], Р.Д. Ардаканӣ [17], Маҳмуд Муҳаммад Алӣ [42], Н.М. Сайфуллаев [39], З.М. Диноршоева [27] ва дигарон мавриди баррасии ҷузъӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлили осори ин муаллифон нишон медиҳад, ки афкори мантиқӣ-маърифатии Форобӣ дар чунин таҳқиқот, асосан, ба таври пароканда ва ҳамчун бахшҳои иловагӣ, дар иртибот бо мавзуъҳои васеътаре чун мантиқ, гносеология, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, ахлоқ, шеър ва дигар соҳаҳо таҳқиқ шудаанд. Бо вуҷуди саҳми арзандаи ин муҳаққиқон, афкори мантиқии Форобӣ аксаран, дар доираи васеъ баррасӣ гардида, таҳлили бонизоми сохтори мантиқии андешаи ӯ ва робитаи он бо системаи маърифат ба таври мустақил ва мукаммал анҷом наёфтааст.

Ҳамчунин, таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ ва илмии ҳаёт ва осори Насируддини Тусӣ [11; 12; 13] низ дар таҳқиқоти илмии як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавқеи назаррас дорад. Онҳо, пеш аз ҳама, ба омӯзиши шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи зиндагии Насируддини Тусӣ, рушди илмҳои дақиқ дар асри XIII ва саҳми бузурги ӯ дар ин раванд оғоз мегарданд. Таълимоти ӯ дар соҳаҳои математика, фалсафа, мантиқ, ахлоқ,

табиатшиносӣ, инчунин, нақши ӯ дар таҳкими пояҳои илмии идоракунии давлат ва ҷомеа, аз мавзуъҳои муҳимми таҳқиқот маҳсуб меёбанд.

Дар ин замина, корҳои илмии В.В. Бартолд [18; 19], М. Диноршоев [26], Р. Груссе [46], Г. Зутер [73], Г.Д. Мамадбейли [33], Ф.Г. Максудов [32], М. Ризавӣ [49], А.К. Рзаев [34], Е.С. Кеннеди [63], Н. Идибеков [29], М.М. Зинҷонӣ [47], Х. Шоихтиёров [78], Г.З. Саидова [76] ва дигарон ҷолиби диққат мебошанд. Зеро онҳо паҳлуҳои гуногуни фаъолияти илмӣ ва фалсафии Насируддини Тусиро равшан сохта, ҷойгоҳи ӯро ҳамчун шахсияти барҷаста дар фарҳанги асримиёнагии форсу тоҷик таъкид намудаанд.

2. Як қатор корҳои илмӣ бевосита ба омӯзиши ҷанбаҳои мантиқӣ ва маърифатии осори ин ду мутафаккир бахшида шудаанд, ки дар онҳо масоили мухталифи марбут ба усулҳои таҳқиқи мантиқӣ, робитаи равандҳои равонӣ бо тафаккури таҷридӣ, мантиқ ва фалсафа, нақши забон дар маърифат, қобилиятҳои маърифати инсон, гунаҳои ҳукм ва қиёс, инчунин, ҷанбаҳои гносеологӣ ва эпистемологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои усули ҳукмҳои қиёсӣ, аз қабили аподейктикӣ, диалектикӣ, софистӣ, хитобӣ ва ғайра. Нақши забон ва нутқ, ҳамчун воситаи интиқоли дониш низ дар омӯзиши мантиқии Форобӣ тибқи таҳқиқоти баъзе муҳаққиқон мавқеи муҳимме ишғол кардааст. Ин ҷо метавон аз асарҳои М.С. Бурабаев, А.С. Иванов, Е.Д. Харенко [20], М.С. Бурабаев, А.М. Кенисарин, Г.В. Курмангалиева [21], Б.С. Сулаймонов [77], Ж. Алтаев [16] ва дигарон ном бурд, ки дар онҳо мафҳумҳо ва методологияи мантиқии Форобӣ, алоқамандии мантиқ бо равандҳои фикрӣ ва забонӣ, инчунин, масоили мантиқ ва маърифат ба таври ҷузъӣ ва фаҳмиши муосир баррасӣ шудаанд.

Дар мавриди Насируддини Тусӣ, таҳқиқоти мустақим дар соҳаи мантиқ то имрӯз нисбатан маҳдуд боқӣ мондааст. Ғайр аз корҳои Э.М. Мамедов [75; 81] ва Л.Э. Кенҷаева [74], ки ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мантиқии Тусиро таҳқиқ намудаанд, таҳлилҳои пурра ва бонизоми афкори мантиқии ӯ ҳанӯз ба таври мукаммал сурат нагирифтаанд. Бо назардошти

саҳми бузурги Насируддини Тусӣ дар такмили низоми мантиқӣ, махсусан, дар китоби «Асос-ул-иқтибос» чунин ҳолат нишондиҳандаи холигии ҷиддии назариявӣ дар таҳқиқи осори ӯ мебошад.

3. Инчунин, дар як қатор мақолаҳои алоҳида, ки ба масъалаҳои гуногуни мантиқ бахшида шудаанд, вазифаҳои мантиқ ҳамчун абзори шинохти илмӣ, робитаи он бо забон ва маърифат, аҳаммияти таълимоти Форобӣ дар бораи мафҳум, ҳукм, қиёс ва хулосабарорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баробари ин, муқоисаи афкори мантиқии Форобӣ бо мутафаккирони юнонӣ ва шарқӣ, аз ҷумла, бо Арасту [8; 9; 10] ва Ибни Сино [36; 37; 38; 39; 50; 51 52; 53] низ дар баъзе аз ин мақолаҳо зикр ёфтааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти Г. Шаймухамбетова [85], Р.Н. Насиров [82], Н.Н. Караев [80], Ориф Ризо [84], А. Марун, Ҷ. Шойлер [65], Б.Л. Деборах [55], М.С. Галстон [57; 58], Н. Джерман [59], К. Гайкей [60], Ф.С. Ҳаддад [61], К. Каримуллоҳ [62], С. Тюркер [70], М. Зонта [72] ва дигарон ба баррасии чунин мавзуъҳо дахл доранд.

Бо вуҷуди ин, мақолаҳои марбут ба таҳқиқи амиқи мантиқи Насируддини Тусӣ, чуноне ки қайд шуд, то ҳол камшуморанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти П. Мураввиҷ [66], А.Г. Палангов [83], А.А. Бабаев, В.Ф. Меҷлумбекова [79] ва дигарон баъзе ҷанбаҳои афкори мантиқии Тусиро дар бар мегиранд, аммо ба баррасии сохтори низомии таълимоти мантиқии ӯ, муносибати ӯ бо таълимоти Арасту ва Форобӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар байни мантиқшиносони асримиёнагии форсу тоҷик муайян нашудааст.

Агарчи файласуфону муҳаққиқони замони муосир – А.М. Баҳоваддинов, М.С. Осимӣ, М.Н. Болтаев, М. Диноршоев, Ғ. Ашуров, Н. Саид, Н.М. Сайфуллоев, С.Аҳмадов, О. Зоҳидов, Ф.Б. Худойдодзода, Ё. Ниёзӣ ва дигарон корҳои мондагоре анҷом додаанд, вале масоили асосии марбут ба системасозии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳлили муқоисавии онҳо, табақабандии мафҳумҳои илмӣ, арзёбии методологӣ ва эпистемологии осори онҳо то ҳол як паҳлуи нокифоя таҳқиқшудаи илми фалсафа ва таърихи мантиқ боқӣ

мондааст. Ин ҳолат зарурати анҷоми таҳқиқоти мукаммалу мустақилро дар ин самт бештар талаб мекунад.

Бо вуҷуди саҳми арзандаи ин муҳаққиқон, таҳлили бонизоми таълимоти мантиқӣ-маърифатии Насируддини Тусӣ, махсусан, дар иртибот бо мантиқ ҳамчун воситаи маърифат, бурҳон ва категорияҳои асосии фикри мантиқӣ, то ҳол мавриди баррасии амиқ ва таҳлили муқоисавӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқоти навин ва мукаммали мантиқии ин ду мутафаккири бузург ба миён меояд, ки умумият ва тафовути таълимоти онҳо тавассути таҳлили муқоисавӣ ошкор гардад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳия гардида, ба барномаи «Таҳқиқи ғояҳои миллатсозӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик ва ташаккули консепсияи худшиносии миллӣ» (РБ № 0125TJ, аз 01.01.2025 то 31.12.2028) иртиботи мустақим дорад. Ин таҳқиқот, ки омӯзиши мероси фалсафии мутафаккирони Шарқ ва таҳлили масъалаҳои мантиқӣ-маърифатиро дар бар мегирад, ҷузъи таркибии фаъолияти илмию таълимии кафедра ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таври хос бо самтҳои стратегии дорои аҳаммияти илмӣ иртибот дорад, аз ҷумла, рушди тафаккури фалсафӣ дар фазои пасошуравӣ; эҳёи мероси маънавии Шарқ; таҳкими худшиносии миллӣ тавассути шинохти амиқи афкори илмии гузаштагон; густариши мантиқ ва тафаккури интиқодӣ дар низоми таълим.

Ҳамзамон, диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки сиёсати илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, бо барномаҳои марбут ба эҳёи мероси илмии ниёгон, таҳкими ҳувияти миллӣ дар заминаи омӯзиши фалсафа ва афкори илмӣ-мантиқӣ, рушди фалсафаи муосир ва такмили методологияи таҳқиқ дар низоми таҳсилоти олӣ мутобиқат дорад. Бинобар ин, робитаи мавзуи диссертатсия бо

барномаҳо ва самтҳои муҳимми илмӣ на танҳо дар доираи фаъолияти як кафедра, балки дар партави талаботи рушди илми фалсафа ва ҳифзи арзишҳои ақлонӣ-маънавии тамаддуни тоҷикон асоснок ва муътамад арзёбӣ мегардад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур дар таҳлили амиқ ва муқоисавии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ифода меёбад, ки тавассути он саҳми ин ду мутафаккири барҷаста дар ташаккули анъанаи мантиқ ва низоми маърифатӣ муайян ва асоснок карда мешавад. Ин мақсад ба ҳалли як масъалаи муҳим ва то ҳол пурра таҳқиқнашудаи илмӣ фаҳмиши бонизом ва муассири таълимоти мантиқии ду мутафаккире, ки дар байни фалсафаи классикии Юнон ва афкори асримиёнагии шарқӣ нақши пайвандиро иҷро кардаанд, равона гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот ин ҳадаф тавассути ҳалли як қатор масъалаҳои мубрам амалӣ мешавад: таҳлили мафҳумҳои асосӣ; баррасии равишҳои методологӣ; омӯзиши амиқи осори мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ; муқоисаи истилоҳот ва баррасии таълимоти маърифатӣ дар доираи низоми мантиқӣ. Дар натиҷа, баён ва системасозии назариявии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии ду мутафаккир, таҳияи модели таҳлилии маърифат ва бурҳон дар осори онҳо, ҳамчунин, муайян намудани таъсири онҳо ба рушди илм ва фалсафа ба амал бароварда мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти ҳадафи асосии таҳқиқ – таҳлили мукаммалу муқоисавии таълимоти мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар рушди илмҳои мантиқ ва фалсафа, вазифаҳои зерин ҳадафи асосии таҳқиқро муқаррар кардааст:

- муайян кардани заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатӣ дар муҳити созгори асримиёнагии шарқӣ, бо таваҷҷуҳ ба нақши марказҳои илмӣ, хусусан, «Байт-ул-ҳикма» ва вазъи умумии рушди илмҳо дар он давра;

- омӯзиши амиқи осори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо такя ба таҳлили мазмунӣ, истилоҳотӣ ва сохтории асарҳои онҳо, бавижа, «Эҳсо-ул-улум», «Китоб-ул-қиёс», «Китоб-ул-ҳуруф», «Асос-ул-иқтибос» ва «Таҷрид-ул-мантиқ»;

- таҳлили муфассали мафҳумҳо ва категорияҳои асосии мантиқӣ (мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон) дар осори ду мутафаккир ва муайян намудани вижагиҳои назарии онҳо нисбат ба маърифати илмӣ ва усулҳои исбот;

- муайян кардани таъсири фалсафаи Юнони қадим, бахусус, таълимоти Арасту ба низоми мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо баррасии шеваи қабул, бозсозӣ ва мутобиқсозии ин таълимот дар фазои илмии асримиёнагии Шарқ ва баъд аз он;

- арзёбии мантиқӣ-забонӣ ва истилоҳсозии илмии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки дар ташаккули забони мантиқ ва фалсафа нақши меҳварӣ бозидаанд;

- муқоисаи назариявӣ ва методологии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо ҳадафи муайян кардани самтҳои умумӣ ва тафовутҳои асосӣ дар равиши маърифатшиносӣ ва мантиқшиносии онҳо;

- таҳияи шеваҳои тасниф ва моделҳои таҳлилии маърифат ва бурҳон дар осори ду мутафаккир, ҳамчун асос барои арзёбии низоми мантиқӣ ва имкони мутобиқсозии он бо равишҳои муосири таҳқиқ;

- муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бавижа дар заминаи таълим, методологияи таҳқиқ ва рушди илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ дар муҳити муосир;

- пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таълими фалсафа ва мантиқ, таҳияи дастурҳои методӣ ва таҳкими маводи омӯзишии донишгоҳӣ;

- асоснок кардани саҳми муаллиф дар коркарди методология, консепсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ, ки тавассути таҳлили мустақил, нашри мақолаҳо ва иштироки фаъолона дар муҳокимаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Объекти таҳқиқот.** Афкори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мазмун ва хусусиятҳои низоми мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар заминаи осори фалсафӣ ва таърихии онҳо.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давоми солҳои 2020 то 2025 дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода сурат гирифта, объекти таҳқиқотии он доираи илмӣ-таърихии асрҳои X ва XIII-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар ин таҳқиқ асосҳои назариявӣ бар консепсияҳо ва назарияҳои мантиқӣ ва фалсафӣ асос ёфта, заминаи методологӣ ва илмии онро ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳ ба он раванде равона шудааст, ки чи гуна Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар пайванди мероси Юнони бостон ва муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии асримиёна, низоми мустақили андешаи мантиқӣ ва маърифатиро ташаккул додаанд. Пояи назариявӣ ба таълимоти мантиқии Арасту ва фалсафаи Афлотун такя мекунад, ки дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо мазмуни тоза бозофарӣ шудаанд. Ба андешаи онҳо, мантиқ на танҳо фанни расмии тартибдиҳандаи афкор, балки пояи маърифат, ахлоқ ва низоми иҷтимоӣ мебошад. Таҳқиқот бо истифодаи равишҳои таърихи фалсафа ва маърифатшиносӣ ва бо такя ба таҳқиқоти муосир анҷом ёфта, вазифаи асосии он таҳлили интиқодӣ ва муқоисавии мантиқи Форобӣ ва Тусӣ мебошад. Ин равиш имкон медиҳад, ки равандҳои таҳаввули маърифат ва асоснокии илмӣ дар афкори фалсафии онҳо равшан шаванд. Ҳамзамон, масъалаҳои камомӯхташуда, чун низоми истидлол ва асоснокии ахлоқ баррасӣ гардида, холигии илмӣ муайян мешавад ва замина барои сохтани модели нави таҳлили мантиқӣ-фалсафӣ фароҳам мегардад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқ бар маҷмуи усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, системавӣ, матншиносӣ, таҳлили мазмунӣ ва герменевтикӣ асос ёфтааст.

Равиши таърихӣ-мантиқӣ барои шарҳи рушди афкори мантиқию маърифатӣ дар осори Форобӣ ва Тусӣ истифода шудааст, дар ҳоле ки омӯзиши муқоисавӣ имкони баррасии онҳоро дар иртибот бо мероси Юнон ва анъанаи шарқӣ фароҳам меорад. Равиши системавӣ сохтори функсионалӣ ва робитаи қонунҳои мантиқиро ошкор мекунад, матншиносӣ ва таҳлили мазмунӣ – истилоҳот, забон ва услуби асарҳоро меомӯзанд. Герменевтика маънои аслии истилоҳотро дар заминаи таърихӣ равшан месозад ва таҳлили интиқодӣ холигиҳои илмиро муайян мекунад. Ҳамин тавр, маҷмуи усулҳои зикршуда барои таҳияи низоми таҳқиқӣ ва арзёбии илмии таълимоти мантиқию маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ хизмат мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии таҳқиқот бар таҳлили мустақими осори мантиқию маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо истифода аз усулҳои мазмуншиносӣ ва герменевтикӣ асос ёфтааст. Дар ҷараён консепсияҳои мантиқӣ (мафҳум, қазия, қиёс) муқоиса шуда, айният ва тафовути равишҳои ду мутафаккир муайян гардидаанд. Барои бонизом сохтани натиҷаҳо ҷадвалҳо ва таснифоти истилоҳоти мантиқӣ таҳия шудаанд, ки робитаи назарияро бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти дуюмдараҷа бо шеваи интиқодӣ истифода шуда, ҷойгоҳи мавзуъ дар заминаи илмии муосир равшан шудааст. Арзёбии назарияҳо дар робита бо муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замони мутафаккирон анҷом дода шудааст. Бо ин роҳ, заминаи эмпирикӣ ҳамчун такягоҳи боэътимоди хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои нави диссертатсия хизмат мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи асосии таҳқиқот кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад. Донишгоҳ бо инфрасохтори зарурӣ – китобхонаҳои тахассусӣ, маъхазҳои электронӣ, дастрасӣ ба захираҳои илмии байналмилалӣ ва муҳити фаъоли илмӣ – шароити мусоидеро барои таҳқиқ фароҳам овардааст. Дастгирии омӯзгорон ва муҳаққиқон дар шакли маслиҳатҳои тахассусӣ ва

муҳокимаҳои илмӣ низ ба самаранокии кор мусоидат кардааст. Ҳамин тариқ, пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва иттилоотии донишгоҳ ҳамчун заминаи устувори ташкилӣ ва илмӣ барои анҷоми таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод хизмат мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ як қатор натиҷаҳои тоза ба даст омадаанд:

- муайян карда шуд, ки муҳити илмии фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма» дар ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатию фалсафии мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нақши асосӣ бозидааст;
- исбот гардид, ки таъсири истилоҳот ва мақулоти фалсафию мантиқии юнонӣ ба истилоҳофаринии илмии Форобӣ ва Тусӣ воқеияти таърихӣ дошта, заминаҳои забонӣ ва консептуалии он бо далелҳои мушаххас асоснок мешавад;
- нишон дода шуд, ки ғояҳои илмӣ-методологии Арасту, хусусан, дар бахши мантиқ ва маърифатшиносӣ ба ташаккули назарияҳои ҳар ду мутафаккир таъсири ҷиддӣ гузоштаанд;
- ошкор гардид, ки осори аслии Форобӣ ва Тусӣ бо истифода аз таҳлили контентӣ ва герменевтикаи фалсафӣ дорои ғояҳои тозаи мантиқӣ-маърифатию фалсафӣ мебошанд, ки қаблан, мавриди таҳқиқи муфассал қарор нагирифта буданд;
- муайян гардид, ки таълимоти мантиқии ҳар ду мутафаккир дар шакли муқоисаи фалсафӣ-мантиқӣ таҳлил шуда, дар он мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат нақши марказӣ доранд;
- бори аввал исбот шуд, ки таълимоти Форобӣ ва Тусӣ оид ба мақулаи «бурҳон» хусусияти нав ва муқоисавӣ дошта, барои муҳити илмии Тоҷикистон ва кишварҳои пасошуравӣ таҷрибаи тоза маҳсуб мешавад;
- равшан карда шуд, ки ҷанбаҳои маърифатии таълимоти Форобӣ ва Тусӣ дар иртиботи мустақим бо низоми мантиқии онҳо ва бо назардошти сохтор ва функсияҳои маърифатӣ фаҳмида мешаванд;

- исбот гардид, ки Форобӣ ҳамчун «Муаллими сонӣ» на танҳо масъалагузории мантиқиро дар Шарқ ба роҳ мондааст, балки бо мутобиқсозии мантиқи юнонӣ ба шароити замони худ таҳаввулоти нав ба вуҷуд овардааст;

- бори нахуст нишон дода шуд, ки Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» ҳамаи қисматҳои мантиқро ба таври мураттаб таҳлил намуда, заминаи таҳқиқи муосири мантиқро бо назардошти фалсафаи иҷтимоӣ фароҳам овардааст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада саҳми эҷодкоронаи муаллифро дар омӯзиши низоми мантиқӣ ва маърифатию фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ифода намуда, заминаи илмии муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фароҳам меоранд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқот нишон дод, ки ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии мутафаккирони асрҳои миёна – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мустақиман ба муҳити фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ вобаста буд. Аз ҷумла, муҳити илмии «Байт-ул-ҳикма» дар Бағдод ҳамчун заминаи рушди озодандешӣ ва муколамаи илмӣ хизмат кард. Дар чунин шароит Форобӣ ва Тусӣ афкори Арасту ва Афлотунро мутолиа намуда, онҳоро ба талаботи замони худ мутобиқ кардаанд. Дар натиҷа, мантиқ дар Шарқ на танҳо бо ворид кардани истилоҳот, балки дар асоси эҳёи ақлгароӣ ва озодии фикр ташаккул ёфт.

2. Афкори Юнони қадим, бавижа, таълимоти Арасту ба консепсияҳои мантиқии Форобӣ ва Тусӣ таъсир расонд. Аммо, ин таъсир танҳо интиқол набуд, балки бархурди интиқодӣ ва эҷодкорона буд. Форобӣ дар «Китоб-ул-ҳуруф», «Китоб-ул-қиёс» «Эҳсо-ул-улум» ва «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» истилоҳотро шарҳ дода, низоми нав пешниҳод намуд. Тусӣ бошад, дар «Асос-ул-иқтибос» ва «Таҷрид-ул-мантиқ» бурҳон ва қиёсро ба таври мукаммал таҳлил кард. Дар таҳқиқ собит шуд, ки таъсири Юнон бештар нақши ҳидояткунанда дошт, дар ҳоле ки мутафаккирони тоҷик бо

такя ба заминаҳои худӣ анъанаи мустақили мантиқиро ба вуҷуд овардаанд.

3. Форобӣ ва Тусӣ ба мероси фалсафии Юнон ҳамчун заминаи рушди фикрӣ назар карданд. Онҳо истилоҳоти юнониро на танҳо тарҷума, балки бозсозӣ намуда, забони илмии Шарқро такмил додаанд. Форобӣ дар доираи луғатшиносӣ ва мантиқ истилоҳоти нав офарид, Тусӣ бошад, шабакаи мураккаби мақулаҳои мантиқиро таҳия намуд. Ҳарду дар истилоҳофаринӣ саҳми муассир дошта, ба такмили забони мантиқ ва фалсафаи Шарқ мусоидат карданд.

4. Таъсири Арасту асоси низоми мантиқии ин ду мутафаккирро ташкил дод, аммо на ба шакли интиқоли мустақим, балки бо бозсозии маънoӣ ва методологӣ. Форобӣ бо такя ба «Органон» низоми маърифати ақлро таҳия кард ва бурҳонро воситаи дарёфти ҳақиқат донист. Тусӣ ин равишро густариш дода, бурҳонро дар робита бо ахлоқ, калом ва фалсафа таҳлил намуд. Ҳамин тавр, онҳо бо истифода аз заминаи Арасту низоми хоси асримиёнагиро ба вуҷуд оварданд, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва динӣ ҷавобгӯ буд.

5. Бори аввал ғояҳои мантиқӣ-забоншиносии Форобӣ ва Тусӣ ба таври мустақил таҳлил шуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки онҳо забонро на танҳо воситаи гуфтор, балки системаи интиқоли маърифат донистаанд. Форобӣ дар «Китоб-ул-ҳуруф» муносибати «лафз», «маъно» ва «маъқул»-ро шарҳ додааст. Тусӣ бошад, услуби дақиқи баёни мантиқиро такмил намуда, ба истилоҳсозии фалсафӣ замина гузошт. Ин равиш нишон медиҳад, ки таҳлили мантиқӣ бе таҳлили забонӣ имконнопазир аст ва метавонад барои таҳқиқи муосири фалсафаи забон намуна шавад.

6. Таълимоти мантиқии Форобӣ пояи низоми маърифати фалсафӣ гардид. Ӯ мантиқро ҳамчун илм муаррифӣ намуда, ҷойгоҳи онро дар байни илмҳои дигар муайян кард ва онро воситаи тарбияи ақл донист. Форобӣ дар асоси анъанаи юнонӣ, вале дар доираи мактаби худӣ, равиши ақлгароиро ташаккул дод, ки барои нахустин бор мафҳуми илм ва мантиқро дар як низоми маърифатӣ ба ҳам пайваст намуд.

7. Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» низоми мукаммали мантиқро таҳия карда, тамоми бахшҳои онро – аз мафҳум ва таъриф то қазия, қиёс ва бурҳон, бо дақиқият тавсиф менамояд. Ӯ мантиқро на танҳо воситаи расидан ба дониши қатъӣ, балки зербинои маърифат, ахлоқ ва фалсафа мешуморад. Тусӣ қиёсро бо истидлоли ахлоқӣ ва илмӣ муттаҳид намуда, ба мантиқ иртиботи иҷтимоӣ додааст. Ҳамин тариқ, асари ӯ на танҳо китоби мантиқӣ, балки дастури системавии таҳлили ақлонӣ мебошад ва нақши ӯ дар системасозии мантиқ ҳамчун авҷи мантиқи асримиёнагӣ асоснок мегардад.

8. Дар муҳити илмии фалсафаи тоҷик ва пасошуравӣ бори аввал бурҳон ҳамчун мақулаи марказии низоми мантиқии Форобӣ ва Тусӣ таҳлили муқоисавӣ ва системавӣ ёфт. Ҳарду мутафаккир бурҳонро баландтарин шакли исбот ва воситаи таҳкими маърифати илмӣ мешумориданд. Форобӣ онро бо фалсафа ва ахлоқ пайваст, Тусӣ бошад, бо матолиби илоҳӣ ва калом низ баррасӣ намуд. Ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки бурҳон дар осори онҳо ҳам мақоми мантиқӣ ва ҳам арзиши маърифатӣ-ахлоқӣ дорад. Сохтор, шаклҳои қиёсӣ ва татбиқи бурҳон дар табиат, ахлоқ, фалсафа ва дин ба таври муқоисавӣ таҳлил шудаанд.

9. Таҳқиқ собит месозад, ки таълимоти Форобӣ ва Тусӣ дар бораи маърифат танҳо ба шинохти назариявӣ маҳдуд намешавад, балки бо низоми ахлоқӣ ва иҷтимоӣ пайваст аст. Форобӣ дар «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила» маърифатро омили асосии камоли шахс ва ҷомеа мешуморад. Ӯ ақл ва мантиқро воситаи рушди инсон ва ҷомеа медонад. Тусӣ низ дар «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим» ва «Асос-ул-иқтибос» таъкид мекунад, ки маърифат бояд бо ахлоқ ва худогоҳӣ ҳамбастагӣ дошта бошад. Ҳарду мутафаккир маърифатро аз сатҳи мантиқӣ то ахлоқӣ пайгирӣ карда, заминаи афкори гуманистии худро таҳким бахшидаанд.

10. Муқоисаи низоми мантиқии Форобӣ ва Тусӣ дар асоси таҳлили матнӣ, сохторӣ ва истилоҳӣ анҷом ёфта, тафовутҳои муҳимро нишон дод. Ҳар ду аз манбаи муштарак –

таълимоти Арасту сарчашма мегиранд, аммо Форобӣ ба сохтани системаи фалсафӣ бо пояи мантиқӣ равона аст ва мантиқро бо ҷомеа ва тарбияи инсон мепайвандад. Тусӣ бошад, ба методологияи илмӣ ва ба низомдарории фаннии мантиқ таваҷҷуҳ намуда, онро воситаи таҳлили илмӣ ва фалсафӣ медонад. Аз таҳқиқ бармеояд, ки Форобӣ бештар ба равишҳои фалсафӣ такя мекунад, дар ҳоле ки Тусӣ бо назари илмӣ-мантиқӣ ва низоми мураттаб амал менамояд.

11. Таҳқиқи осори мантиқии ду мутафаккир исбот кард, ки Форобӣ ҳамчун «Муаллими сонӣ» ва асосгузори илми мантиқ дар Шарқ заминаи аввалини истилоҳоти илмиро гузошт. Ӯ мантиқро бо фарҳанги ҷомеа мутобиқ карда, онро василаи маърифат ва ахлоқ муаррифӣ намуд. Насируддини Тусӣ бошад, бо таҳкими илмӣ ва мураттабсозии назариявӣ мантиқро ба сифати илми мустақил бо тамоми бахшҳояш ташаккул дод. Дар «Асос-ул-иқтибос» ӯ қоидаҳои дақиқи ҳар бахши мантиқро баён кард, ки то имрӯз бо талаботи илм мутобиқанд. Аз ин рӯ, Форобӣ ва Тусӣ на танҳо ҳомили мероси гузашта, балки созандагони мантиқ дар фазои илмии Шарқ мебошанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти ин таҳқиқот пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар он нахустин бор илми мантиқ ҳамчун соҳаи мустақили тафаккур дар раванди таърихии ташаккул ва таҳаввули худ баррасӣ шудааст. Дар ин замина, таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои он дар сатҳи назариявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Таҳқиқот ҳамчун иқдоми илмии мукаммал ба ғанигардонии дониши фалсафӣ ва мантиқӣ, таҳкими заминаи рушди тафаккури ақлонӣ ва шинохти таърихи ташаккули тафаккури илмӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он низ зоҳир мегардад, ки аввалин бор дар доираи фалсафаи тоҷик ва мантиқшиносӣ илми мантиқ ҳамчун методология дар таълимоти ду мутафаккири барҷаста – Форобӣ ва Тусӣ, муаррифӣ гардида, ба таври муқоисавӣ, системавӣ ва

методологӣ таҳлили амиқ шудааст. Дар натиҷа, саҳми онҳо дар ташаккули низоми мустақили мантиқӣ равшан гардида, мафҳумҳо ва мақулаҳои калидии мантиқӣ (қазия, мафҳум, қиёс ва бурҳон) бо таҳлили муфассал такмил ёфтаанд. Илова бар ин, таҳқиқ моделҳои нави таҳлили фалсафӣ ва истилоҳшиносии мантиқиро пешниҳод намуда, барои рушди илмҳои фалсафа, мантиқ, маърифатшиносӣ ва таърихи афкори тоҷик арзиши назариявии баланд пайдо кардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳия ва таълими барномаҳои таълимӣ дар самтҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» истифода шаванд. Хулосаҳои таҳқиқӣ метавонанд барои донишҷӯёну омӯзгорон ва муҳаққиқон ҳамчун воситаи методологӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот на танҳо ба рушди назариявии илми фалсафа ва мантиқ саҳм мегузорад, балки ба эҳтиёҷоти амалӣ ва татбиқии ҷомеаи илмӣ ва таълимӣ низ ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебошанд, ки бо такя ба заминаи назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ асоснок шудаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии назариявӣ тавассути интихоби дурусти методология, истифодаи осори аслии Форобӣ ва Тусӣ, татбиқи равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва герменевтикӣ таъмин гардидааст.

Заминаи таҷрибавӣ аз таҳлили мустақими сарчашмаҳо, муқоисаи мафҳумҳо ва таснифи истилоҳот иборат буда, барои хулосаҳои боэътимод шароит фароҳам овардааст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод ва аз ҷониби муҳаққиқон эътироф шудаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия дар раванди таълими фанҳои фалсафа ва мантиқ истифода гардида, самаранокии амалӣ ва татбиқпазирии худро исбот намудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ки ба омӯзиши мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти

Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бахшида шудааст, ба талаботи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи диссертатсия дар ҳамаи марҳилаҳо равшан буда, кори илмии пурра ва натиҷаи фаъолияти мустақилона мебошад. Аз интихоби мавзуъ ва самти таҳқиқот то таҳияи методология, консепсия ва хулосаҳои илмӣ, довталаб ҳама ҷанбаҳоро ба таври шахсӣ анҷом додааст. Мавзуи пажуҳиш бо дарки зарурати бознигарии илмии мероси Форобӣ ва Тусӣ интихоб гардида, методологияи мувофиқ мустақилона таҳия ва татбиқ шудааст. Консепсияи илмӣ ва навовариҳои тадқиқот, аз ҷумла, таҳлили муқоисавии асосҳои мантиқӣ, назарияи далеловарӣ ва ҷанбаҳои маърифатии андеша низ пурра аз ҷониби довталаб коркард шудаанд. Ҳамин тавр, тамоми раванд – аз ҷамъоварии мавод ва таҳлили сарчашмаҳо, то баёни натиҷаҳои боэътимод, саҳми мустақими довталабро дар рушди илм ва тафсири муосири мероси мантиқию фалсафии асримиёнагии форсу тоҷик исбот мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода гардида, таҳти суратмаҷлиси №11/1 аз 03.06.2025 муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаи муҳтавои диссертатсия дар 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 4 воситаи таълимӣ, 27 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 мақолаи дигар дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (ҷамъ, 52 номгӯй) ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат дошта, аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯйро дар бар гирифта, ҳаҷми

умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

Дар боби якум, таҳти унвони **«Заминаҳои назариявӣ-методологии афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ки аз ду зербоб иборат аст, муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асрҳои миёна, ки дар он ду мутафаккири барҷастаи тоҷик – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ умр ба сар бурда, ҷаҳонбинии илмӣ ва низоми мантиқии худро ташаккул додаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якум таҳти унвони **«Заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** шароити таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои миёна, ки дар онҳо ҷаҳонбинии илмӣ ва афкори фалсафии ин ду мутафаккири барҷаста шакл гирифтааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Таваҷҷуҳи хос ба хусусиятҳои ташаккул ва такомули фикрии мутафаккирони барҷастаи тоҷик дар давраҳои таърихии ҳаёташон, муайян кардани айният ва тафовути муҳити зист ва таълимии онҳо, аз як сӯ, эҳёи илм ва фарҳанг дар замони зисташон ва аз сӯйи дигар, мушкилоти сиёсиву иҷтимоии давраи ҳаёти мутафаккирон ба унвони заминаҳои таъсиргузор бар рушди афкори фалсафӣ ва мантиқии ин шахсиятҳо имкон медиҳад, ки паҳлуҳои камтаҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик равшан карда шавад.

Таҳлили омилҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, инчунин, ҷараёни ташаккули ақлгароӣ ва дар ин замина, илми мантиқ дар ибтидои асрҳои миёна дар муқоиса бо вазъи иҷтимоии чаҳор аср баъдро равшан карда, омезиши мафкураҳои ифротии динӣ ва хирадмеҳвариро шарҳ медиҳад, ки боиси ташаккули мактабҳои илмӣ ва ривоҷи ақлгароӣ дар минтақа, пайдоиши мактабу равияҳои гуногуни фикрӣ, муҳити вижаи илмии ақлгаро ва дунявӣ гардидаанд.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи ибтидоии асрҳои миёна, ки дар он Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳаёт ба сар мебурданд ва барои рушди тафаккури

фалсафӣ-мантиқии онҳо заминаи мусоид фароҳам омада буд, ба ду гуна аст: яке хусусияти ифротӣ ва ақлситезӣ ва дигаре хусусияти ақлгароёнаву хирадмеҳварона дошт. Мафкураи иҷтимоии ифротии исломӣ сирфан ба сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ такя намуда, инсонро ҳамчун як махлуқи комилан мутеи сарнавишту қазову қадар ва беирода тавсиф мекард ва ҳаёти ӯро муваққату беарзиш медонист.

Аммо мафкураи иҷтимоии навъи дуюм, баръакс, дар баробари эҳтирому эътиқод ба сарчашмаҳои дини муқаддас, инчунин, ба ақлу хиради инсонӣ низ арзиши баландеро қоил буд. Он инсонмеҳвариро пеша дошта, инсонро як махлуқи оқилу соҳибирода тавсиф намуда, вазъу ҳолат ва қадру манзалати онро бо ақлу дониш, одобу ахлоқ ва қобилиятҳои зеҳнию ҷисмонӣ вобаста мекард. Ин ду навъи мафкура дар муборизаи байни тарафдорони фалсафаи калом ва ҷонибдорони донишҳои дунявӣ ва ҳикмати юнонӣ зуҳур кард, ки ба тафаккури мутафаккирон, аз ҷумла, бар афкори Абунасри Форобӣ таъсири бузург гузошт.

Абунасри Форобӣ (870-950) дар давраи «асри тиллоии ислом» умр ба сар бурд, замоне ки маркази илмӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом – Бағдод давраи шукуфоии худро аз сар мегузаронд. Аббосиён тавассути таъсиси китобхонаҳо, расадхонаҳо ва мактабҳои олӣ шароити мусоиди рушду густариши илмҳои динӣ ва дунявиро фароҳам оварданд. Дар ҳамин муҳит Форобӣ имкони густариши донишҳои мантиқӣ ва фалсафиро пайдо кард. Бо вуҷуди он ки дар асри IX-X равандҳои парокандашавии хилофат, бархурди мазҳабӣ, шӯришҳои иҷтимоӣ ва болоравии қудрати ҳокимони маҳаллӣ авҷ гирифт, фазои илмӣ ва маърифатӣ ҳанӯз фаъол боқӣ монд. Давлатҳои маҳаллии Тоҳириён, Саффориён ва махсусан, Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон имкониятҳои нави сиёсиву фарҳангиро ба вуҷуд оварданд. Дар чунин вазъияти пуртаниш, ки аз як тараф, ҷангҳои дохилӣ ва аз тарафи дигар, фишорҳои хориҷӣ вуҷуд дошт, Форобӣ тавонист дар муҳити пур аз муборизаҳои фикрӣ ва мазҳабӣ, ҷаҳонбинии фалсафию мантиқии худро ташаккул диҳад ва ҷойгоҳи барҷаста касб намояд.

Давраи ҳаёту фаъолияти Насируддини Тусӣ (1201-1274) ба замони ҳукмронии Салҷуқиён ва истилои муғулҳо рост меояд, ки аз давраи Форобӣ қариб чаҳор аср дертар буд ва шароити комилан дигар дошт. Тусӣ таҳсили ибтидоиро дар назди падараш ва амакаш гирифта, фиқҳ, мантиқ, физика ва метафизикаро омӯхта, сипас, дар Нишопур риёзиёт, тиб ва фалсафаро такмил дод. Ҳуҷумҳои муғулон ӯро водор ба муҳоҷират карданд, вале маҳз, дар ҳамин шароит тавонист бо истифода аз сиёсати ахлоқӣ дар назди ҳокимони муғул ҷойгоҳ пайдо намояд. Ӯ бо таъсиси расадхонаи Мароға на танҳо илми ситорашиносиро рушд дод, балки муҳаққиқонро аз нобудӣ наҷот дода, ба ҳифзи мероси илмӣ-фалсафии Шарқ саҳм гузошта, аз ӯ 150 асар боқӣ мондааст.

Дар зербоби дуюми боби якум, бо унвони **«Нақши фалсафаи Юнони қадим дар рушди андешаи мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** таъсири фалсафаю мантиқи Юнон ба ташаккули афкори Форобӣ ва Тусӣ баррасӣ шуда, андоза, ҷанбаҳои муҳимми ин таъсирпазирӣ ва роҳҳои бозофарии он дар осори ду мутафаккир таҳлил мегардад.

Таҳлили таъсири афкори фалсафии Юнони бостон ба рӯшанфикрии исломии асрҳои миёна бо ёдоварӣ аз файласуфони барҷаста чун Афлотун ва Арасту, хулосаеро тақвият медиҳад, ки Форобӣ ва Тусӣ на ҳамчун пайравони тақлидгаро, балки чун мунаққидону муҷаддидон ва инкишофдиҳандагони афкори юнонӣ амал кардаанд. Тавассути онҳо илми Юнон аз нестшавӣ наҷот ёфт ва ҳамзамон, ба фалсафаи Машриқзамин рангу мазмуни тоза бахшида, бо либоси нав ба рушди афкори фалсафаи Ғарб ва ҷаҳонӣ таъсиргузор гардид.

Дастрасӣ ба осори мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони Юнони бостон заминаи ташаккули афкори фалсафӣ дар Шарқ гардид. Бо вуҷуди он ки осори юнонӣ ба забонҳои шарқӣ тарҷума шуданд, файласуфони Машриқзамин ғояҳои мантиқию фалсафии онҳоро бидуни санҷиш ва интиқод ба таври яклухт қабул ва таблиғ накарданд. Ба ибораи Иқболи

Лоҳурӣ, «ҳакимон ба ҳукми зарурат фалсафаи Афлотун ва Арастуро бозандешӣ ва бозсозӣ карданд» [48, с. 40].

Мутафаккирони баъдии асримиёнагии масеҳӣ, тавассути осори Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон, тавонистанд дар бораи фалсафаи Юнон, махсусан, Афлотун ва Арасту маълумоти бештар касб кунанд. Абунасри Форобиро бинобар тарҷума, шарҳу таълифоташ аз осори Арасту, «Муаллими сонӣ» меномиданд. Далели ин гуфтаҳо дар он аст, ки маҳз, Форобӣ тавонист тамоми зовияҳои афкори фалсафии Муаллими аввалро дарк карда, онро шарҳу тафсир ва дар ҳошияи таркиботи афкори фалсафии атиқа навовариҳоро ворид кунад. Ӯ бо нигоҳ доштани усулҳо ва асосҳои ақлонӣ ва амалӣ, ба омӯзиши тафаккури гуногун пардохта, онро дар мизони ақл санҷид ва тавонист ба хубӣ аз дарк ва шинохти андешаҳои мухталифу мубҳам барояд. Дар бисёр мавридҳо, ақидаҳои олимони Юнон аз нуқтаи назари интиқодӣ баррасӣ ва ислоҳ ё инкор мешуданд. Ин равишест, ки хусусан, намояндагони мактаби машшоия, пеш гирифта буданд.

Шарҳу тафсирҳое, ки Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ ба осори Афлотуну Арасту навиштаанд, ба файласуфони масеҳӣ барои фаҳмидани фалсафаи юнонӣ ёрии бузург расонидааст.

Ақидаҳои файласуфони Юнони қадим таъсири амиқе ба назарияҳои мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ гузоштаанд ва он дар пояи маърифати олам ва инсон ташаккул ёфтааст. Ба маънои дигар, дар ташаккули мантиқи ин ду мутафаккир, қабл аз ҳама, гносеология ва эпистемологияи онҳо мавқеи хоса доранд. Агар назарияи мантиқии кул ва ҷузъро дар доираи маърифати ҳиссӣ ва ақлии онҳо баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки он ба мушаххасот ва муҷаррадот марбут буда, аз узвҳои ҳис ва ақл сарчашма мегирад. Ин назария дар таълимоти Форобӣ ба воситаи фаязони ақл дар шакли ақли даҳгона ва дар андешаҳои Насируддини Тусӣ тавассути нафси кул то ба нафси ақлонӣ (ё нафси нотиқа) таҳаввул меёбад.

Яке аз навовариҳои мантиқии Форобӣ дар он ифода меёбад, ки «дар мабҳаси бурҳон (истидлол) маърифати дар

нафси инсон ҳосилшударо ба ду навъ: тасаввур (сувари муҷаррад аз ҳукм) ва тасдиқ (сувари тавъам бо ҳукм) тақсим карда, бо таввaҷуҳ ба ин, ки боби таъриф ба тасаввурот ва истидлолҳо нозир ба тасдиқанд, ба дубахшӣ будани мантиқ таваҷҷуҳ намуда, бо ҳамин заминаи мусоидро барои пайдоиши мантиқи дубахшӣ фароҳам овардааст» [5, с. 214]. Ба назари Форобӣ куллиёт ва маърифати ақлӣ вобаста ба муҷаррадоти том буда, барои инсон аз ақли даҳум, ки «Ақли фаъол» аст, аз роҳи ҳавос ва идроки куллиёт аз тариқи эҳсоси ҷузъиёт муяссар мешавад. «Нафси одамӣ сувари маҳсусро аз тариқи қувваҳои ҳиссӣ дарк мекунад ва ба воситаи сувари маҳсус сувари маъқулро дармеёбад» [43, с. 107].

Аз назари Форобӣ, мафҳуми куллӣ ба чанд ашёи мушобеҳ нисбат дорад, дар ҳоле ки ҷузъӣ танҳо ба як фард хос аст. Ибни Сино, бо такя ба андешаҳои Форобӣ, мантиқро ба ду бахш – мантиқи тасаввурот ва тасдиқот тақсим намуда, фаслҳои арастуиро такмил кард. Насируддини Тусӣ бошад, дар таҳқиқоти мантиқӣ аз Форобӣ ва Ибни Сино баҳра бурда, ин равишро идома додааст.

Саҳми асосии Насируддини Тусӣ дар илми мантиқ дар навиштани китоби мантиқ ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо ворид кардани истилоҳоти арабӣ буда, он дар «Асос-ул-иқтибос» ва «Таҷрид-ул-мантиқ» шарҳ ёфтааст. Вай бо корбурди мубоҳиса бо мухолифони Форобӣ ва Ибни Сино исрор мекард, ки ба файласуф на аз рӯйи андешаҳои муғризона, балки аз рӯйи далелу ҳуҷҷат баҳо додан лозим аст. Аммо дар баъзе мавридҳо ихтилофи назари Тусӣ бо таълимоти онҳо, масалан, дар тафсири масъалаи фаязони нур ё судур ва нузул, ки аз навафлотуниёни юнонӣ нусхабардорӣ шудааст, мушоҳида мешавад.

Дар баробари ин, машшоиёни шарқӣ – Форобӣ ва Тусӣ ҳангоми шарҳу тавзеҳи ақоиди маърифатӣ-мантиқии Арасту бо онҳо аз дидгоҳи интиқодӣ муносибат карда, бисёр андешаҳои ӯро такмил ва ислоҳ намуда, назарияи маърифат ва низоми мантиқи арастуиро бо як қатор навгониҳои илмӣ тақвият ва ғановат бахшидаанд. Аз ҷумла, онҳо назарияи ҳамлпазирии Арастуро бо куллиёти хамс (куллиёти панҷгона),

таъин ва тавзеҳи дидгоҳи зотгароёнаи ӯ дар масъалаи таъриф, ибтикори ӯ дар истиқроъ ва тамсил, навовариҳо дар боби муғолата ва таъини объектҳои муғолитаро равшан гардондаанд. Пас аз ӯ, таҳқиқ ва таҳсили асрори илми мантиқ барои мантиқшиносон чун як роҳкушо ва дастури муҳим хизмат кардааст. Аммо муҳимтарин ибтикори Форобӣ тақсими мантиқ ба ду бахш – тасаввур ва тасдиқ аст, ки сабаби пайдоиши мантиқнигории дубахшии Ибни Сино гардид ва низоми мукаммал ва ниҳоии он дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ идома ёфтааст.

Боби дуюм диссертатсия таҳти унвони **«Шаклҳои асосии тафаккур дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ки аз се зербоб иборат аст, ба таҳлили равандҳои ташаккул ва такомули шаклҳои гуногуни тафаккур бахшида мешавад. Дар ин боб равобити байни мантиқ, мафҳумсозӣ ва истидлол, ки дар осори ду мутафаккири барҷаста ҷойгоҳи хоса доранд, мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Зербоби аввал, бо унвони **«Хусусиятҳои хоси ташаккули мафҳумҳо ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ба баррасии равандҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули мафҳумҳо, истилоҳот ва категорияҳои мантиқӣ бахшида шудааст. Дар ин ҷо, таъкид мегардад, ки ташаккули шаклҳои тафаккури мантиқӣ дар заминаи фарҳангии Шарқ ва дар иртибот бо анъанаи юнонӣ сурат гирифта, дар осори Форобӣ ва Тусӣ ба марҳилаи нави илмӣ расидааст.

Форобӣ дар «Китоб-ул-ҷадал» баҳси ҷадал (диалектика)-ро мавриди таҳлил қарор дода, онро усули рад ва мубоҳисаи ақидаи муқобил мешуморад ва дар ин самт, ба Арасту пайравӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, мантиқ бояд инсонро аз фиребу дурӯғ наҷот диҳад ва воситаи фарқ намудани рост аз дурӯғ бошад. Вазифаи асосии он омӯзонидани тарзи дурусти ибрози фикр тавассути забон аст. Форобӣ мантиқро ба ду бахш ҷудо мекунад: илм дар бораи ғояҳо ва таснифҳо ва илм дар бораи қиёс, хулоса ва исбот.

Насируддини Тусӣ низ ҷадалро ҳамчун усули баҳсу саволу ҷавоб дар бораи як «вазъ» шарҳ медиҳад. Вазъ он иддаоест, ки як тараф онро исбот мекунад ва тарафи дигар барои радди он мекӯшад. Тусӣ тарафдорро «муҷиб» ва мухолифро «ноқиз» меномад. Ба ақидаи ӯ, ҷадал санъати илмиест, ки бо такя ба мусалламот имкон медиҳад барои ҳар матлуб ҳуҷҷат оварда шавад ё мавқеи зид рад гардад.

Ҳарду мутафаккир диалектикаро аз софистика ҷудо мекунанд. Агарчи диалектика бар асоси муқаддамоти машҳур сурат мегирад, ки воқеан, на ҳамеша дурустанд, ба унвони воситаи таҳқиқи фалсафӣ пазируфта мешавад. Бо вуҷуди ин, онҳо таъкид мекунанд, ки мантиқ, диалектика ва софистика ҳарчанд унсурҳои умумӣ доранд, ҳадаф ва усулҳояшон аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар ин радиф, мутафаккирон «ҳад» ва «бурҳон»-ро истилоҳоти асосии мантиқ毫 дониста, дигар мафҳумҳоро низ рад намекунанд, балки онҳоро зарурат барои фаҳмиши ин ду медонанд. Аз ин рӯ, мавқеи онҳо пурра на арастуӣ ва на раввоқӣ буда, шакли хоси худи онҳо мебошад.

Насируддини Тусӣ масъалаи бурҳон ва таснифоти онро бар пояи усули арастуӣ шарҳ дода, дар таъбир ба андешаҳои Форобӣ наздик аст. Ӯ асоси бурҳонро «яқиниёт» дониста, ба хусусиятҳои зотӣ ва ғайризотии он ишора мекунад. «Яқин»-ро чун эътиқоди «ҷозими мутобиқ» тавсиф намуда, онро ба «тасдиқи ҳамроҳ бо тасдиқи дигар ва имтинои нақизи тасдиқи аввал» маънидод месозад.

Дар мантиқи Форобӣ ва Тусӣ, зери таъсири Арасту, дар баробари диалектика ва топика, муғолата (софистика) низ мавриди таҳлил қарор мегирад. Арасту онро «муборизаи беинсофона» номидааст, ки ҳадафҳои беруниро дунбол мекунад. Форобӣ ва Тусӣ, монанди Арасту, нисбат ба бурҳонҳои суфастоӣ, ки ҳадафи онҳо гумроҳ кардани инсон аст, муносибати оштинопазир доранд. Форобӣ ин усулҳоро меомӯзад, ки тафаккурро аз ҳақиқат дур месозанд ва ҳамзамон, хусусиятҳои мантиқӣ ва ғайримантиқии онҳоро эътироф мекунад.

Форобӣ сарчашмаҳои муғолатаро тасниф намуда, онҳоро ба навъҳо ҷудо мекунад. Тусӣ низ таҳти таъсири Арасту мақолаи ҳафтуми «Асос-ул-иқтибос»-ро ба софистика бахшида, онро «Дар муғолата ва онро суфастиқо хонанд» номидааст. Ӯ ду ҷанбаи муғолатаро ҷудо мекунад: аввал, он чӣ ба зот дахл дорад (табкият) ва дувум, он чӣ ба араз марбут аст, ки худ ба чаҳор қисм тақсим мешавад. Дар ин раванд, Тусӣ аломатҳои муштарак бо бурҳон ва ҷадалро низ зикр мекунад.

Умумияти андешаҳои Форобӣ ва Тусӣ дар он аст, ки қолаби ин масъала аз доираи софистикаи Арасту берун намеравад. Онҳо маърифати мантиқиро ба яке аз мақулаҳои асосии мантиқ – қиёс вобаста медонанд. Дар таҳқиқоти ҳарду, қиёс ҳамчун абзоре шарҳ дода мешавад, ки робитаи яқини байни муқаддамот ва хулосаҳоро таъмин месозад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, бо унвони **«Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** мақоми хосаи мафҳум ҳамчун шакли асосии тафаккур дар анъанаи мантиқии форсӣ-тоҷикӣ таҳлил мегардад.

Мафҳум дар мантиқ мақулаест, ки дар зинаи аввалини раванди тафаккур қарор дошта, заминаи ташаккули дигар шаклҳои фикриро фароҳам месозад. Он, ҳамчун унсури муайянкунанда дар равшан сохтани самтҳои маърифат нақши асосӣ дошта, имкон медиҳад, ки предметҳои як синф умумисозӣ шаванд ва ҳамзамон, тавассути маҷмуи нишонаҳои умумӣ аз ҳам ҷудо гарданд.

Дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мақулаи мафҳум дар доираи анъанаи арастуии мантиқшиносӣ баррасӣ шуда, бар он такя мекунад, ки мантиқ ҳамчун илм қонунҳои тафаккури дурустро муайян месозад ва омӯзиши он аз таҳқиқи мафҳум оғоз мегардад. Ба андешаи Форобӣ, мантиқ заминаи асосии қонунҳои фикр аст ва маҳз, тавассути омӯзиши мафҳум имкони таъмини устувории ин илм фароҳам меояд. Дар ин замина, мафҳум ҳамчун шакли фикрӣ ва таҷассуми гуногунии фаъолияти равонӣ ҷилваи ҷавҳари инсонро ифода мекунад. Мафҳум аз доираи маъноии худ берун рафта, дар ҳайати қазия

мақоми ҷузъи таркибиро касб мекунад ва ба унвони мақулаи мантиқӣ дар равандҳои маърифатӣ нақш мебозад. Арасту барои баёни се шакли асосии тафаккур бештар истилоҳи «логос» (λόγος)-ро истифода бурда, мафҳумро гоҳе бо «ғоя» ҳамсон мешуморид. Дар партави ин анъана, барои дарки дурусти сохтори мафҳум зарур аст, ки ашё дар доираи синфи муайян тасниф шаванд. Танҳо, дар чунин ҳолат, мафҳум метавонад маълумоти умумӣ дар бораи ашёи як навъи мушаххас дода, мазмуни умумӣ фароҳам оварад.

Дар заминаи таълимоти Арасту, машшоиёни шарқӣ – Абунасри  Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мафҳумро бо истилоҳоти хос ифода мекарданд. Форобӣ, мувофиқ ба шароити замон, ки забони илмӣ ва сиёсӣ арабӣ буд, мафҳумро бо калимаи «лафз» (ибора, вожа) ва шакли ҷамъи он «алфоз» истифода мебурд. Ӯ, ҳатто, асаре бо номи «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» («Лафзҳои истифодашаванда дар мантиқ») таълиф кардааст.

Насируддини Тусӣ бошад, бо назардошти фарҳанги аҷдодии худ, китоби «Асос-ул-иқтибос»-ро ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта, мафҳумро дар мақолаи аввалин, дар қатори нуҳ қисмат бо ҳамин шакл мавриди баррасӣ қарор додааст.

Форобӣ мафҳумро ба ду навъ – сода ва мураккаб (муфрад ва мураккаб; куллӣ ва ҷузъӣ), ҷудо мекунад. Ба мафҳуми сода номҳо, калимаҳо ва адот дохил мешаванд. Мафҳуми сода, асосан, аз се унсури ҷумла – исм, феъл ва ҳиссача, таркиб меёбад. Ҳиссачаҳо калимаҳоеанд, ки худ ба худ маънои мустақил надоранд. Номҳо бошанд, бояд содаву кутоҳ бошанд ва маънои мушаххасро ифода кунанд. Мафҳумҳои мураккаб, аз нигоҳи Форобӣ ҷумлаҳои таркибианд, ки дар онҳо ҳамеша маънои изофӣ ҷой дорад, ки дар мафҳумҳои сода дида намешавад.

Насируддини Тусӣ мафҳумро ба ду навъ – муфрад (сода) ва муаллаф (таркибӣ) ҷудо мекунад. Дар пайравӣ аз Ибни Сино, ӯ лафзро ифодагари се навъи маъно медонад: далолати мутобиқ, далолати тазаммун ва далолати илтизом.

Ҳар лафзе, ки чизеро ифода мекунад, тавассути ҷузъҳои худ бар маъно далолат дорад. Мафҳуми муфрад, пеш аз ҳама, муайянкунандаи зоти худ аст ва танҳо дар таркиби ҷумлаҳо ва ибораҳо мазмуни комилро ифшо месозад. Мафҳумҳои мураккаб бошанд, ба андешаи Хоҷаи Тусӣ, лафзҳоеанд, ки ҳар ҷузъ аз онҳо бар ҷузъе аз маъно ишора мекунад. Ӯ ин таркибӣ ва баёнгари том будани мафҳумҳоро дар фасли «нисбати алфоз ва маонӣ» баррасӣ намуда, робитаи маъноҳо ва далолати онҳоро ба таври муфассал тавзеҳ медиҳад.

Дар таркиббандии мафҳумҳо байни Форобӣ ва Тусӣ тафовут вуҷуд дорад. Форобӣ бештар ба раввоқиён пайравӣ намуда, масъалаи мафҳумро ба таври сода ва оммафаҳм баён мекунад. Аммо таҳқиқоти Тусӣ бештар ба Арасту наздик буда, нишон медиҳад, ки ӯ мавқеи илмии мустақили худро соҳиб аст ва танҳо шореҳ ё пайрав нест. Хоҷа Насир мафҳумро муаррификунандаи зоти худ дониста, онро ба куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразӣ ҷудо мекунад. Агар мафҳум танҳо ба мазмуни худ нигаронида шуда, бо маънои дигаре иртибот надошта бошад, он ҷузъӣ шумурда мешавад. Мафҳумҳои куллӣ бошанд, ба таври фарзӣ ашхос ва мафҳумҳои зиёдро фаро мегиранд. Фаъолияти муштараки мафҳумҳои куллӣ ва ҷузъӣ якдигарро пурра месозанд. Мафҳумҳои аразӣ низ бо ҳамин хусусият тавсиф мешаванд.

Маъно (мазмун) бахше аз семантика ба ҳисоб меравад ва аломатҳоро ифода мекунад. Аммо мақоми мафҳум танҳо ба доираи назарияи аломатҳо маҳдуд намешавад: он ҳамчун шакли муайяни инъикоси воқеият дар сатҳи тафаккури тадриҷӣ тавассути забон баён мегардад. Форобӣ низ мафҳумро аз калима ва ибора ҷудо карда, нишонаҳои фарқкунанда ва баҳамоварандаи онҳоро нишон медиҳад.

Тусӣ ба масъалаи муносибат ва фарқияти калима ва мафҳум таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар «Асос-ул-иқтибос», дар фасле бо номи «Кайфияти далолати алфоз бар маонӣ» [13, с. 35], ӯ таъкид мекунад, ки калима шакли зоҳирии мафҳумро ташкил медиҳад ва бе он ташаккули мафҳум имконнопазир аст. Бо вуҷуди ин, на ҳар калима қобили ифодаи як мафҳуми том мебошад. Аз ин рӯ, дар баъзе ҳолатҳо,

калима ва мафҳум ҳаммаъно шумурда мешаванд, вале дар ҳолатҳои дигар фарқ мекунанд.

Форобӣ дар таҳлили мақулаи мафҳум ба мафҳумҳои умумӣ таваҷҷуҳ карда, онҳоро «куллиёти хамса» меномад: «ҷинс», «навъ», «фасл», «арази ом» ва «арази хос». Насируддини Тусӣ низ мафҳумҳои куллиро ба панҷ қисмат ҷудо мекунад: ҷинс, навъ, фасл, хосса ва арази ом. Ӯ дар бораи ҷинс мефармояд, ки на ҳама вақт асосӣ аст, зеро мумкин аст ҷинси дигар болотар қарор гирифта, ҷинси аввал ба навъи ҷинси баъдӣ табдил ёбад. Фасл бошад, аз навъ фарқ мекунад ва хосиятҳои муайянкунандаро ифода месозад.

Мутафаккирони мактаби машшоияи Машриқзамин – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ масъалаи мафҳумро ҳамчун шакли тафаккур таҳлил намуда, ҷойгоҳ ва нақши онро дар китобу рисолаҳои мантиқии худ ба таври муфассал нишон додаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, бо унвони **«Моҳият ва ҷойгоҳи қазия дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** мақоми қазия ҳамчун шакли асосии баёни воқеии тафаккур дар илми мантиқ мавриди таҳлил қарор мегирад. Қазия дар мантиқ мақоми меҳварӣ дошта, робитаи байни мафҳумҳоро тавассути тасдиқ ё инкор ифода намуда, дурустӣ ё нодурустии андешаро муайян месозад. Ин мақула дар анъанаи Юнони қадим ва дар мантиқшиносии асрҳои миёна, хусусан, дар осори Форобӣ ва Тусӣ таҳким ва тақвият ёфтааст.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, пайрави анъанаи Арасту, дар шарҳи моҳият ва сохтори қазия, робитаи он бо қиёс ва муносиботи мантиқӣ саҳми муҳим гузоштаанд. Қазия шакли баёнёфтаи тафаккур буда, танҳо ҷумлаҳои хабарӣ метавонанд ҳамчун қазия арзёбӣ шаванд, зеро онҳо қобилияти пешниҳоди иттилооти тасдиқшаванда ё инкоршавандаро доранд. Ҷумлаҳои саволӣ, амрӣ ё эҳсосӣ чунин хусусият надоранд. Қазияҳо аз се унсур иборатанд: мавзуъ (субъект), хабар (предикат) ва пайвандакҳои мантиқӣ, ба монанди «аст» ва «мебошад». Арасту қазияро «қавли шореҳ» номида, устуворӣ

ва воқеияти онро тавассути тасдиқ ва инкор муайян мекунад. Ӯ се қонуни асосии мантиқ – айният, зиддият ва истисноисеюмро ҳамчун пояи қазия мефаҳмид ва онҳоро дар шакли мураббаи мантиқӣ ифода намуд. Ин мабдаъҳо ба низоми мантиқии Машриқзамин низ роҳ ёфта, ба андешаи мутафаккирони мактаби машшоия, аз ҷумла Форобӣ ва Тусӣ, таъсири амиқ расонданд. Форобӣ дар «Китоб-ул-қиёс ас-сағир» қазияро қавле мешуморад, ки мафҳумҳоро тасдиқ ё инкор мекунад. Дар «Эҳсо-ул-улум» низ таъкид менамояд, ки ҳар қазияе, ки дар соҳае қонун шавад, метавонад ҳамчун қоида ё қонун барои матолиб ва масъалаҳои гуногун истифода гардад.

Тусӣ қазияро на танҳо мувофиқати мафҳумҳо дар шуур, балки ҳамчун инъикоси равандҳои воқеии олам баррасӣ мекунад. Ӯ мафҳум ва қазияро шаклҳои баҳампайванди тафаккур дониста, қазияро «фикри асоснокшуда» мешуморад, ки дар низоми мантиқӣ нақши марказӣ мебозад. Насируддини Тусӣ, пайрави мустақими Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино, бунёди қазияро бар асоси мафҳум қарор дода, воқеияти онро марбут ба равандҳои таҳқиқ медонад. Ӯ қазияро ҳамчун ҷузъи таркибии мантиқ ба ду фан тақсим кардааст: фанни якум – дар бораи маърифати қазия ва қисматҳои он (аз шонздаҳ фасл иборат) ва фанни дуюм – дар бораи эътибори қазия, таноқуз, акс ва масъалаҳои вобаста ба он (аз ёздаҳ фасл иборат). Ба назари ӯ, қазия «тасаввур» ё «муқорини ҳукм» буда, исбот ё нафии онро «тасдиқ» ташкил медиҳад.

Форобӣ қазияро ба ду навъ ҷудо мекунад: сода ва мураккаб. Қазияҳои сода ҷумлаҳои хабарии одиянд, ки аз мубтадо, хабар ва бандаки мантиқӣ иборат мебошанд. Ба андешаи Форобӣ, моҳияти қазия ифодаи таркиб ва муносибатҳои ашёи воқеият аст. Ин дидгоҳ аз таълимоти Арасту сарчашма мегирад, ки қазияро тасдиқ ё инкори чизе нисбат ба чизи дигар тавассути субъект, предикат ва бандаки мантиқӣ медонист. Форобӣ бандаки мантиқиро таркиби алоҳидаи қазия мешуморад.

Тусӣ қазияро нахуст ҳамчун гуфтори таркибӣ ба ду қисм – ҳамлӣ ва шартӣ ҷудо мекунад. Қазияи ҳамлӣ вазъ ва ҳолати

муайяни воқеиятро ифода намуда, аз ду истилоҳи ҷудогона (маҳкумун-алайҳ ва маҳкумун-биҳӣ) таркиб меёбад. Қазияи шартӣ бошад, робитаи байни маҳкумун-биҳӣ ва маҳкумун-алайҳро ифода мекунад.

Фарқи асосии таълимоти Тусӣ аз пешиниён дар он аст, ки ӯ масъалаҳои қазияро на танҳо шарҳ додааст, балки онҳоро такмил ва тақвият низ намудааст. Пас аз шарҳи қазияҳои ҳамлӣ, ӯ ба зинаи дуюм мегузарад ва қазияҳои мунҳарифаро таҳлил мекунад. Қазияи маҳсура бошад, ба миқдор далолат карда, ба ду навъ ҷудо мешавад: куллӣ ва ҷузъӣ. Муаллими аввал (Арасту) қазияҳои ҳамлӣ ва шартиро дар робита бо ҳам баррасӣ карда буд. Аммо Форобӣ масъалаи қазияҳои шартиро муфассалтар таҳлил намуда, аз ҷумла, қазияҳои ҳамлии «Офтоб бараояд» ва «рӯз мешавад»-ро бо истифода аз истилоҳи шартии «агар – он гоҳ» ба қазияи мураккаби шартӣ табдил дода, ҷойгоҳ ва вазифаи онро муайян кардааст.

Насируддини Тусӣ низ дар «Асос-ул-иқтибос» ба қазияҳои шартӣ фаслҳои махсус бахшида, онҳоро фарқкунанда аз дигар навъҳои қазия медонад. Ба андешаи ӯ, қазияи шартӣ дар заминаи қазияҳои ҳамлӣ ба вуҷуд меояд ва ҳукми он дар он аст, ки нисбат миёни ду қазия – будан ё набудани чизе ифода гардад. Фарқи Тусӣ аз Арасту ва Форобӣ дар он аст, ки ӯ масъалаи қазияро бо усули қиёси забонӣ таҳлил намуда, хонандаро ба фаҳмиши дуруст роҳнамоӣ мекунад.

Дар «Асос-ул-иқтибос» қазияҳои шартӣ ба таври густарда шарҳ ёфтаанд, ки то замони Тусӣ ва баъди ӯ чунин таҳлили муфассал вуҷуд надошт. Пас аз шарҳи умумӣ, ӯ ба қазияи шартии муттасила мегузарад ва таъкид мекунад, ки асоси робита дар онҳо ҳиссачаи пайвасткунандаи «ва» мебошад.

Дар мавриди қазияи мунфасила бошад, ӯ қайд мекунад, ки пайвандаки «ё» воситаи инфисол аст ва чунин қазия метавонад ду шакл дошта бошад: ҳақиқӣ (том) ва ғайриҳақиқӣ (ноқис). Ба пайравӣ аз Форобӣ, Тусӣ қазияҳои муқобил ва зидро низ таҳлил карда, хосияти онҳоро дар он

мебинад, ки онҳо наметавонанд дар як вақт ҳам дуруст ва ҳам нодуруст бошанд: дурустии яке ҳатман нодурустии дигариро дар пай дорад. Вай қазияҳои тадохул ва таноқузро низ шарҳ дода, тадохулро ҳамзистии ду қазия медонад, ки унсурҳои он вобаста ба шароит тағйир меёбанд. Дар ин гуна қазияҳо тобеият мушоҳида мешавад, ки дар мантиқи муосир низ бо ҳамин ном маъруф аст ва бо мафҳумҳои айният, тобеият ва чилликӣ алоқаманд аст. Ба андешаи Тусӣ, фаъолияти мантиқии чунин қазияҳо пурра ба принсипи тобеият мувофиқат мекунад.

Форобӣ дар таҳқиқоти мантиқии худ ба ҳама навъҳои қазия таваҷҷуҳ зоҳир карда, махсусан, ба он қазияҳое, ки ба миқдор марбутанд. Ӯ онҳоро ба ду гурӯҳ – аксшаванда ва акснашаванда ҷудо намудааст, ҳарчанд бо истилоҳи мушаххас ишора накардааст. Насируддини Тусӣ, дар пайравӣ аз Форобӣ, нахуст ҷойи ин мавзуъро муайян намуда, онро ба қисмати қиёс марбут медонад.

Агар Форобӣ қазияҳоро ба ду навъ – сода ва мураккаб ҷудо карда бошад, Тусӣ дар таҳқиқоти худ равобит ва зиддиятҳои дохилии қазияҳоро низ мавриди баррасии муфассал қарор додааст. Ҳамин тавр, масъалаи қазия дар таълимоти ҳар ду мутафаккир бо ҷузъиёти зиёд таҳқиқ шудааст ва ҳатто, имрӯз баъзе паҳлуҳои он камтар пажуҳиш ёфтаанд. Агар Арасту поягузори ин соҳа бошад, пас, Форобӣ мақоми вижае дар таснифи қазияҳо дорад, ки сохтори он ба таснифоти муосир наздикӣ дорад.

Таҳқиқоти Тусӣ низ, асосан, ба шарҳи муфассали қазия ва қисматҳои он равона шудааст. Ӯ бо истифода аз истилоҳоти мувофиқ ба замони худ қазияҳоро бо мисолҳо шарҳ дода, заминаи равшане барои дарки онҳо фароҳам овардааст. Бо вуҷуди робита бо осори Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино, бисёре аз муҳаққиқон дастгоҳи истилоҳоти мантиқии форсиву арабиро бештар ба «Асос-ул-иқтибос»-и Тусӣ нисбат медиҳанд.

Мавқеи ҳар ду мутафаккир дар таҳқиқи мафҳум, қазия ва қиёс баёнгари рушди назарияи мантиқ дар асрҳои миёна

аст. Мероси Форобӣ ва Тусӣ на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки арзиши назариявӣ барои таҳкими мантиқшиносии муосир низ доранд.

Боби сеюм бо унвони **«Воситаҳои асосии инкишофи дониш дар мероси мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **«Ҳамбастагии тафаккур ва забон дар таълимоти мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** нақши меҳварии тафаккур ва забон ҳамчун ду падидаи асосии маърифатӣ дар тамоми марҳилаҳои тамаддун мавриди таҳлил қарор мегирад. Форобӣ ва Тусӣ дар тавсеа ва такомули фаҳмиши илмии ин ду мафҳум саҳми арзанда гузоштаанд. Форобӣ, махсусан, ба масъалаи истилоҳофаринӣ таваҷҷуҳ намуда, дар асарҳои худ – «Китоб фӣ ал-луғат», «Эҳсо-ул-улум», «Мадхал-ул-мантиқ», «Китоб-ул-ҳуруф» ва «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ», робитаи мантиқ ва забонро таҳқиқ кардааст.

Насируддини Тусӣ низ дар ин соҳа ҷойгоҳи баробар бо Форобӣ ва Ибни Сино дорад. Ӯ бо такя ба анъанаи Ибни Сино тақсими алфозро шарҳ дода, навъи таркиббандии дугонаи Форобӣ дар китоби «Ал-мусиқа ал-кабир» («Мусиқии калон») истифода кардааст. Тафовут дар он аст, ки Форобӣ масъалаҳои асосиро бо забони арабӣ шарҳ дода, барои тавзеҳ забонҳои юнонӣ ва форсиро низ ба муқоиса кашидааст. Масалан, ҳангоми шарҳи истилоҳи «ал-мавҷуд» мегӯяд, ки он дар арабӣ маънои «моҳият»-ро дорад, дар форсӣ «ҳаст» ва дар суғдӣ «фирд».

Форобӣ қонунҳои забонро куллӣ дониста, лафзи муфрадро ифодагари ҷинс ва навъи ашё медонад: инсон, ҳайвон, сафедӣ, сиёҳӣ ва ғайра. Ин тақсимбандӣ реша дар мантиқи Арасту дорад. Ибни Сино лафзро ба куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразӣ ҷудо кардааст. Тусӣ бошад, дар «Асос-ул-иқтибос» ин анъанаро сайқал дода, лафзро ба муфрад ва муаллаф тақсим мекунад. Ба андешаи ӯ, лафзи муфрад ба мафҳумҳо аз рӯйи ҳаҷм ва мазмун мутаносиб аст, дар ҳоле ки лафзи муаллаф аз лафзи муфрад сохта шуда, бештар раванди масъалагузориро нишон медиҳад, на мафҳуми бунёдиро.

Форобӣ дар «Китоб-ул-ҳуруф» ва «Эҳсо-ул-улум» робитаи наҳв ва мантиқро ба таври амиқ шарҳ додааст. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳар ду илм вазифаи умумӣ доранд – танзими дурусти истифодаи калима ва ибораҳо. Бо вуҷуди ин, мавқеи илмии онҳо гуногун аст. Форобӣ, ҳамчунин, робитаи мантиқ бо илмҳое чун аруз ва луғатшиносиро баррасӣ карда, ҳангоми тақсими калимаҳо ба исм, феъл ва ҳиссача, баҳси ҷиддиро роҷеъ ба аслияти наҳв ба миён гузоштааст.

Насируддини Тусӣ дар тақсими лафз ба исм, феъл ва ҳарф хусусияти фарққунандаи ин серо дар он мебинад, ки низоми таснифи онҳоро ҳар забоншинос аз забони худ мегирад. Ӯ, дақиқан, фарқияти наҳв ва мантиқро дар санъати наҳв мувофиқи вазифаҳои хеш, аллакай назар ба илми мантиқ, ки хусусияти куллӣ дорад, барои ҳар як халқ умумӣ медонад.

Агар ба забонҳои юнонӣ, арабӣ ва форсӣ назар афканем, мебинем, ки донишмандон дар зери таъсири юнониён калимаро бештар ба маънии феъл ва ҳиссача истифода мебурданд, аммо на ҳар калима ва ибора қодир ба ифодаи мафҳум аст. Аз ин рӯ, ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ танҳо он калимаву ҷумлаҳоро истифода мебурданд, ки мафҳумро дар сатҳи маърифатӣ ифода кунанд. Тусӣ бештар ба исм ва феъл таваҷҷуҳ намуда, ҳиссача (ҳарф)-ро камтар ба кор бурдааст.

Форобӣ гурӯҳи ҳиссачаҳоеро чун «ҳавошӣ», «хаволиф», «равобит», «василот» ва «восита» ҷудо карда, дар асоси онҳо китоби «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ»-ро таълиф кардааст.

Тусӣ бошад, баъд аз Форобӣ ин масъаларо равшантар матраҳ намуда, илми мантиқро ҳамчун илми мустақил бо қонуни хос ва методи вижа тавсиф мекунад. Ҳар ду мутафаккир ба масъалаи робитаи мантиқ ва забон аҳаммияти ҷиддӣ додаанд. Онҳо забонро воситаи муҳим барои ташаккули тафаккур ва маърифат дониста, роҳи дурусти фикрронӣ ва шаклҳои мантиқиро бар асоси он муайян кардаанд. Дар осори онҳо тафриқаи возеҳ байни воқеияти мазмунӣ ва дурустии фикр, байни ҳақиқати мантиқӣ ва маърифатӣ ҷой дорад.

Бо назардошти ин, Форобӣ ва Тусӣ дар пажуҳиши забон ва мантиқ мавқеи вижа касб кардаанд. Онҳо масъалаҳои забонӣ ва мантиқиро ҳам ҷудогона ва ҳам ба таври муқоисавӣ таҳлил намуда, барои рушду густариши фарҳанги халқҳои эронитабор ва ғайриэронитабор замина гузоштаанд. Бо вуҷуди ин, дар ду-се асри охир, ба сабаби тақлид аз Ғарб, бисёре аз андешаҳои ин мутафаккирони асримиёнагӣ аз маркази таваҷҷуҳ дур мондаанд. Имрӯз, дар шароити истиқлолият, бар дӯши донишмандони ватанӣ чунин вазифа аст, ки ин меросро эҳё намуда, ба рушди худшиносии миллӣ ва тафаккури илмӣ мусоидат намоянд.

Таҳлили осори Форобӣ ва Тусӣ нишон медиҳад, ки онҳо забонро на танҳо воситаи иртибот, балки пояи ташаккули маърифат ва тафаккур мешумориданд. Форобӣ, бо таҳлили сохторҳои забонӣ ва истилоҳот, робитаи мантиқ ва забонро равшан кардааст. Тусӣ, бо такя бар ин анъана, дар «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор» низоми мукаммали мантиқӣ ва забониро ташаккул додааст.

Ҳарду мутафаккир, бо таъкид бар умумияти қонунҳои мантиқ ва хусусияти маҳаллии забонҳо, як ҷаҳонбинии илмии умумибашариро пешниҳод намудаанд. Мероси онҳо имрӯз низ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури фалсафӣ мусоидат мекунад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Нақши қиёс ва айнияту тафовути он дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»**, қиёс ҳамчун воситаи муҳимми хулосабарорӣ ва шинохти ақлӣ баррасӣ мешавад. Аз замони Арасту то давраи Форобӣ ва Тусӣ назарияи қиёс пайваста такмил ёфта, ба яке аз асосҳои маърифати илмӣ табдил шудааст. Арасту дар «Аналитика» таъкид мекунад, ки қиёс чизи умумӣ буда, бурҳон танҳо навъе аз он аст, аммо на ҳар қиёс бурҳон шуда метавонад.

Форобӣ дар пайравӣ ба Арасту ду асар – «Китоб-ул-қиёс» ва «Китоб-ул-қиёс ас-сағир» таълиф карда, тамоми паҳлуҳои назарияи қиёсро таҳқиқ кардааст. Ӯ мафҳуми қиёсро аз шарҳи луғавӣ оғоз намуда, онро «чен кардан, муқоиса

намудан ва хулосабарорӣ» маънидод мекунад. Дар «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» низ ӯ мавзуи қиёсро муфассал шарҳ додааст.

Насируддини Тусӣ низ ба қиёс таваҷҷуҳ намуда, дар «Асос-ул-иқтибос» мақолаи чаҳорумро ба он ихтисос додааст. Ин мақола, ки «Анулутиқои аввал» низ хонда мешавад, аз ду фан ва бисту ду фасл иборат аст. Фанни аввал ба таъриф ва таркибҳои қиёс бахшида шуда, сипас қиёсҳои ҳамлӣ дар даҳ фасл шарҳ меёбанд. Тусӣ қиёсро аз қавлҳои таркибӣ оғоз карда, таъкид мекунад, ки тавассути маълум метавон номаълумро ошкор сохт ва ҳамин маънои қиёс аст.

Форобӣ қиёсро ба ду навъ ҷудо мекунад: иқтиронӣ ва истисноӣ. Ба андешаи ӯ, қиёси иқтиронӣ ҳангоми пайвастани қазияҳо бо ҳам шакл мегирад ва дар он ҳам умумият ва ҳам фарқият вуҷуд дорад. Барои ифодаи истилоҳоти қиёс Форобӣ аз ду мафҳум истифода мебарад: «ҳад» (миёна) ва «тараф» (канорӣ). Қисми миёна «ҳад-ул-авсат» номида мешавад, ду қисми канорӣ «тарафайн». Аз миёни онҳо бузургтарин «тараф-ул-аввал» ва хурдтарин «тараф-ул-охир» хонда мешавад.

Дар қиёс ду қазия "муқаддама" номида мешаванд ва қазияи сеюм, ки аз онҳо бармеояд, натиҷа ё хулоса аст. Қазияе, ки мубтадои хулоса дар он ворид мешавад, "истилоҳи хурд" ва хабари хулоса "истилоҳи бузург" номида мешаванд. Истилоҳи миёна, ки ду муқаддамаи қиёсро мепайвандад, ҷойгиршавиаш се навъ мешавад: ё хабари ҳар ду, ё субъекти ҳар ду, ё хабар дар яке ва субъект дар дигаре. Ба ин асос, се шакли қиёс вуҷуд дорад: дар шакли аввал истилоҳи миёна як бор хабар ва як бор мубтадо аст; дар шакли дуюм – хабар дар ҳар ду муқаддима; дар шакли сеюм – мубтадо дар ҳар ду.

Ӯ қиёсро бо такя ба таҳлилҳои Арасту шарҳ дода, намудҳои (модусҳои) онро ҷудо менамояд ва миёни модусҳои дуруст ва нодуруст фарқ мегузорад. Қиёси арастуӣ аз се ҳукм иборат аст (ду муқаддима ва як хулоса), дар ҳоле ки қиёси ҳиндӣ панҷ ҳукм дорад. Арасту муқаддамотро ба шакли хос («В – А аст») ифода карда, бо истилоҳи миёна онҳоро мепайвандад.

Насируддини Тусӣ бо эҷодкорӣ ин бахшро такмил дода, натиҷаи зарбҳои дурустро то ба нуздаҳ расонид, ки аксари онҳо то имрӯз дар мантиқ таҳлил нашудаанд. Ӯ, ҳамчунин, қиёсҳои ихтисоршуда ва мураккабро баррасӣ кардааст, ки бештар дар суханварӣ, шеър, балоғат ва фалсафа истифода мешаванд. Моҳияти онҳо дар он аст, ки қисме аз қиёс ошкор гуфта мешавад ва қисми дигар ҳамчун замир фаҳмида мешавад. Тусӣ гарчанде ин навъро мухтасар шарҳ додааст, кори ӯ дар ин соҳа то кунун арзиши илмии худро гум накардааст. Ба андешаи ӯ, истифодаи дақиқи истилоҳот заминаи дурустфаҳмии хулосаҳоро фароҳам меорад. Форобӣ дар китоби «Ал-қиёс» бунёд ва ҳастии ин навъи қиёсро бар асоси донишҳои ибтидоӣ қарор дода, маърифати онҳоро воситаи ошкор сохтани воқеият медонад. Ӯ дар китоби «Ал-қиёс» таъкид мекунад, ки бунёди маърифати қиёс бар донишҳои ибтидоӣ устувор аст. Ба назари ӯ, фаҳми ин донишҳо барои дарки воқеият нақши асосӣ доранд. Аз ин рӯ, донишҳои ибтидоиро метавон ҳамчун асоси методологӣ дар таҳқиқи назарияи қиёс пазируфт.

Насируддини Тусӣ манобеи донишро ба шонздаҳ навъ ҷудо мекунад:

1. Маҳсусот (ҳиссиёти зоҳирӣ), 2. Муҷарработ (донишҳое, ки аз таҷриба ба даст омадаанд). 3. Мутавотирот (маълумоти ба таври қатъӣ интиқол ёфта). 4. Аввалиёт (мафҳумҳои ибтидоии қатъӣ). 5. Ҳадсиёт (идроки ногаҳонӣ ва зудҳис). 6. Алвоҷибу қабулуҳо (донишҳое, ки қабул карданашон ҳатмист). 7. Ваҳмиёт (маълумоти номустақим ва эҳсосшудаи зеҳн). 8. Машҳурот (пазируфташавандаҳои арзишманд). 9. Мушаббаҳот (донишҳое, ки бо шабоҳат бар дигар маълумот асос меёбанд). 10. Машҳуроти маҳмуд (пазириши ахлоқии маъмули ҷамъият). 11. Вазъиёт (мафҳумҳое, ки бар шартҳои қабулшудаи забонӣ ё иҷтимоӣ асос ёфтаанд). 12. Усули мафруза (мафрузаҳои асосӣ дар илмҳо). 13. Мақбулот. 14. Машҳуроти зоҳирӣ. 15. Мазнунот (гумонҳое, ки эҳтимолан дурустанд). 16. Мухаййалот

(донишҳое, ки тавассути тасаввурот ва хаёл офарида мешаванд).

Ба ҳамин тартиб, ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои маърифати ибтидоӣ, назарияи қиёсро ба як низоми мукаммали шинохти мантиқӣ ва маърифатӣ табдил додаанд, ки то имрӯз арзишманд ва омӯзанда аст. Таҳлили таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи назарияи қиёс нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир тавонистаанд ин мафҳуми бунёдиро на танҳо ҳамчун воситаи мантиқии истихроҷи хулоса, балки ҳамчун василаи маърифат арзёбӣ ва ташхиси ҳақиқатро дар зеҳни инсон матраҳ созанд. Форобӣ бо ҷорӣ намудани истилоҳоти дақиқ ва таркиби дурусту усулманди қиёс заминаи аслии мантиқшиносии Шарқро гузошт. Тусӣ бошад, бо таҳлили шаклҳо, зарбҳо ва намунаҳои васеи хулосабарорӣ ин низомро ба як дастури амалӣ табдил дод. Ҳар ду бо такя ба манобеи маърифат – аз мақбулоту маҳсусот то машҳуроту мазнунот ва ғайра нишон доданд, ки илми мантиқ на танҳо илми абстрактӣ, балки воситаи таълимӣ, иҷтимоӣ ва фалсафист.

Арзиш ва аҳаммияти корҳои онҳо то ба имрӯз боқӣ монда, барои омӯзиши методологияи илм ва рушди тафаккури мантиқӣ дар ҷомеа хеле муҳим аст.

Зербоби сеюми боби сеюм – **«Вижагиҳои хоси назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** унвон дошта, дар он назарияи бурҳон, дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки назарияи бурҳон ҷузъи ҷамъбастии таълимоти мантиқӣ маҳсуб шуда, аз Арасту оғоз мегирад. Ӯ дар «Аналитикаи дуюм» назарияи бурҳонро мураттаб намуда, онро бо «Поэтика» ва «Оид ба раддияи суфастоӣ» такмил кардааст. Мантиқшиносони баъдӣ, дар ин самт, ин анъанаро идома додаанд.

Форобӣ мавзуи «бурҳон»-ро дар рисолаҳои ҷудогона баррасӣ накарда, балки дар «Ал-қиёс» онро бар асоси суннати арастуӣ шарҳ медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, танҳо чаҳор модуси шакли аввал (Barbara, Darii, Celarent, Ferio) комил ва худбахуданд, зеро тавассути онҳо ҳамаи навъҳои қазия исбот

мешаванд. Барои модусҳои шакли дуюм ва сеюм бошад, Форобӣ бештар аз усули акси муқаддимаҳо истифода мекунад. Ба андешаи ӯ, амали акс яке аз роҳҳои асосии табдили қиёс ба шакли аввал ва таъмини дурустии натиҷа аст.

Бо вуҷуди ин, ӯ танҳо ба ин усул маҳдуд нашуда, аз роҳҳои дигар низ истифода мебарад, аз ҷумла:

- исботи хулф (баръакс исбот кардан);
- ба абсурд бурдан (нишон додани бемаъноии фарзҳои мухолиф);
- муҳокимаронӣ (тартиби мантиқии андешаҳо барои гирифтани хулоса);
- ҷудокунӣ (тақсими мафҳумҳо ва таҳлили онҳо).

Масалан, ҳангоми исботи зарби шашуми шакли сеюм (Baroko), Форобӣ усули «ҷудокунӣ»-ро истифода мекунад, дар ҳоле ки Арасту барои ҳамин модус усули «ба абсурд бурдан»-ро ба кор бурдааст.

Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» бурҳонро дар мақолаи панҷум ҷой додааст. Ба андешаи ӯ, «бурҳон» («Аналитикаи дуюм») аз ду қисм иборат аст: аввал бурҳон ва дуюм ҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳар чизе, ки аз диди умумӣ муфид бошад, ҷадал аст; ҳар чизе, ки муфиди эътиқоди ҷозимаи ғайримутобиқ бошад, муғолата; ҳар чизе, ки эътиқоди ғайриҷозима диҳад, хитоба; ва ҳар чизе, ки танҳо ба тахайюл хизмат кунад, шеър аст.

Тусӣ қавлҳои ҷозимаро, ки дар илм ва баҳсу мунозира истифода мешаванд, ба панҷ қисм ҷудо кардааст. Дар мантиқ инҳоро саноати панҷгона меноманд, ки ба панҷ асари Арасту мутобиқанд: «Ал-қиёс», «Ҷадал», «Хитоба», «Муғолата» (ё «Суфистиқо») ва «Шеър» (ё «Поэтика»). Форобӣ низ ба шаклҳои гуногун ҳаминро баён кардааст.

Ба андешаи Хоҷаи Тусӣ ду навъи дигари истидлол – истиқроъ ва тамсил худ ба худ муфиди яқин нестанд. Ҳарчанд ӯ дар масоили қиёс ва бурҳон пайрави Арасту бошад ҳам, назарҳои Форобиро низ такмил дода, онҳоро дар сатҳи баландтар рушд додааст. Тусӣ борҳо таъкид мекунад, ки танҳо тавассути қиёси бурҳонӣ ва ба тариқи иктисобӣ дар илм мақоми устувор пайдо кардан мумкин аст, зеро танҳо чунин

қиёс донишҳои ҳақиқиро ба бор меорад. Вай таносуби қиёс ва бурҳонро мисли таносуби кул ва ҷузъ шарҳ дода, мегӯяд: қиёс умумитар аст, аммо на ҳар қиёс бурҳон шуда метавонад.

Форобӣ дар «Фаслҳои муқаддимавии мантиқ» низ ба ҳамин масъала ишора карда, ашёи маърифатро ба ду навъ ҷудо мекунад: онҳое, ки бе андеша дониста мешаванд ва онҳое, ки фақат бо далелу муҳокима шинохта мешаванд. Ӯ онҳоро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад: мақбулот, машҳурот, маҳсусот ва ақлпазирандаҳои аввал. Ибни Сино ин таснифро густариш дода, шумораашро ба сездаҳ расондааст, дар ҳоле ки Тусӣ онҳоро то ба шонздаҳ такмил додааст.

Дар «Асос-ул-иқтибос» Тусӣ маводи панҷ навъи қиёсро низ табақабандӣ мекунад: бурҳонӣ, ҷадалӣ, хитобӣ, муғолата ва шеърӣ. Нахуст, тахайюл ҳамчун заминаи шеър, сипас, тарҷеҳ (хитоба), тарвиҷ (муғолата), тақсим (ҷадал) ва дар охир бурҳон оварда мешавад. Ба андешаи ӯ маводи бурҳонӣ хос аст ва набояд бо маводи чаҳор соҳаи дигар омехта гардад. Бо вуҷуди ин, Тусӣ андешаҳои Арасту ва машшоиёнро мавриди танқид қарор дода, таъкид менамояд, ки қиёс бе истифодаи саноати панҷгона вазифаи худро дуруст иҷро карда наметавонад.

Ӯ низоми мукаммали табақабандии муқаддимаҳоро пешниҳод карда, нишон медиҳад, ки ҳар кадоме аз онҳо дар шароити муайян ба яке аз шонздаҳ мабодии қиёс табдил меёбанд. Масалан, қазияи зоҳирӣ метавонад маҳсусот гардад; бо иштироки унсури хориҷӣ – мутавотирот шавад; ва агар таъсири таҷриба дида шавад, ба муҷарработ табдил меёбад.

Хулоса, Форобӣ, Ибни Сино ва Тусӣ дар таҳқиқи мабодии қиёсҳо қадам ба қадам низомро такмил додаанд: Форобӣ бо таснифи чоргона, Ибни Сино бо густариши сездаҳгона ва Тусӣ бо низоми мукаммали шонздаҳгона.

Насируддини Тусӣ низоми муқаддамоти бурҳониро бо шаш шарт муайян мекунад. Ба андешаи ӯ, агар ин шартҳо риоя нашаванд, ғалатҳои мантиқӣ пеш меоянд. Ин шартҳо чунинанд: муқаддамот бояд яқинӣ ва содиқ бошанд; аз натиҷаҳо пештар бошанд; дар ақл низ нисбат ба замон

муқаддам бошанд; назар ба натиҷаҳо возеҳтару яқинтар бошанд; бо натиҷаҳо муносиб бошанд; ва авоили бароҳин ҳамеша пешсафу маълум бошанд.

Ба андешаи ӯ, қиёси бурҳонӣ ҳамеша аз яқиниёт таркиб меёбад ва натиҷаи ҳақ медиҳад. Он бештар ба қазияҳои зарурӣ ва ғайризарурӣ, доимӣ ва ғайридоимӣ тақсим мешавад. Сабаби асосии дурустии ҳукмро Тусӣ «ҳадди миёна» мешуморад, ки на танҳо иллати ҳукм аст, балки дар зеҳн заминаи баррасии он низ мебошад.

Тусӣ ҳар бурҳонро дар шакли қиёс мебинад ва асоси онро қазияҳо медонад. Дар таҳлили ин унсурҳо ӯ аз куллиёти панҷгонаи Порфирий – ҷинс, навъ, фасл, арази ом ва арази хос – истифода мекунад, ки қаблан дар «Исоғуҷӣ» низ мавриди шарҳ қарор гирифта буданд.

Форобӣ дар пайравӣ аз Арасту ва Ибни Сино дар пайравии пешиниён ба ин масъала диққати махсус дода, дар ҳама китобҳои мантиқиашон ба ин мавзуъ рӯ овардаанд. Ҳам Форобӣ ва ҳам Ибни Сино асоси ин матлабро дар ҳамбастагии мавзуъ ва маҳмул медонанд. Агар онҳо дар рафти баррасии қазия дар низоми мутаносиб ва пайвандшуда ва такмилдиҳандаи ҳам қарор дошта бошанд, мафҳуми куллӣ ба таври дуруст фаҳмида мешавад. Чизи дигаре, ки куллиро аз зотӣ ва уло фарқ мекунад, ин аст, ки ҳангоми баррасии он, ҳолат ва шартҳои таҳлилӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, андешаи Ибни Синоро меорем, ки дар чунин ҳолатҳо таъкид мекунад: «Ҳар сафедӣ ба зарурат дар чашм дорои ранги фарқнок аст, на он гоҳ ки зоти ӯ мавҷуд аст, балки он гоҳ ки сафед аст» [39, с. 82].

Дар боби чаҳорум – **«Ташаккули маърифати мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ки яке аз бахшҳои муҳимми диссертатсия маҳсуб мешавад, дар он масъалаҳои меҳварии ташаккул ва инкишофи донишҳои мантиқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби мазкур – **«Таснифи илмҳо дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ва ҷойгоҳи мантиқ дар он»** ба масъалаи таснифи илмҳо ҳамчун мавзуи

бунёдии методологӣ ва назариявӣ бахшида шудааст. Дар он таъкид мешавад, ки масъалаи мазкур яке аз заминаҳои асосии ташаккули низоми дониш дар тамаддуни шарқи асримиёнагӣ маҳсуб мешавад.

Хусусияти асосии таснифи илмҳо дар асрҳои миёна он буд, ки мутафаккирони Машриқзамин илмҳоро бештар бо усули хоси худ ҷудо мекарданд. Ин усул на ба мавзуи махсус, балки ба мазмуни умумии таҳқиқ такя дошт. Азбаски табиати олами ҷисмонӣ ва равонии инсон ҳанӯз пурра маълум набуд, объектҳои таҳқиқ нисбат ба замони муосир дақиқ муайян карда намешуданд.

Дар даврони атиқа илм бештар ба унвони тафаккури мантиқӣ ва қиёсӣ тавсиф мешуд ва бо фалсафа робитаи зич дошт, зеро дониши асоснок дар бораи олам ва табиатро пешниҳод мекард. Дар даврони асримиёнагӣ бошад, таснифи илмҳо таъсири омилҳои динӣ ва иҷтимоиро низ инъикос менамуд. Мутафаккирон илмҳоро вобаста ба меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ мекарданд: бар асоси тартиби офариниш, сатҳҳои дарки инсон (хотира, тахайюлот, ақл) ё марҳалаҳои камолоти рафтор. Аммо ин ҷудобандиҳо бо ҳамин маҳдуд намешуданд, балки вобаста ба ниёзҳои моддиву маънавӣ ва шароити замон шакл мегирифтанд.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ илмро бо ду ҳадафи асосӣ тасниф карданд: яке барои кашфи ҳақиқат (бо хусусияти мантиқӣ ва назариявӣ), дигаре барои таъмин намудани талаботи амалӣ ва иҷтимоии инсон. Онҳо илмҳоро бар асоси мавзуъ, ҳадаф ва манфиат гурӯҳбандӣ намуда, ҳамаи донишҳоро зери мафҳуми «фалсафа» ё «ҳикмат» ҳамчун низоми ягона мебинанд, ки робита ва решаҳои байни илмҳоро нишон медиҳад.

Форобӣ ин масъалаҳоро дар рисолаи «Ал-танбеҳ ало сабил-ас-саодат», Тусӣ бошад, дар «Таҷрид-ул-мантиқ», «Равзаи таслим» ва «Асос-ул-иқтибос» баррасӣ намудааст. Ҳар ду фалсафаро ба ду бахш ҷудо кардаанд:

1. Фалсафаи назарӣ, ки дониш дар бораи мавҷудот ва ҳастии онҳо берун аз қудрати инсон аст, ба се бахш тақсим мешавад:

- илми таълимот (риёзиёт);
- илми табиат (табииёт);
- илми мобаъда-ат-табиъа (метафизика).

2. Фалсафаи амалӣ – дониш дар бораи он чӣ инсон бо амалҳои худ ба вуҷуд меорад, ба ду бахш ҷудо мешавад:
- илми ахлоқ;
- илми сиёсат.

Дар раддабандии Форобӣ илми риёзиёт зинаи сеюмро ишғол мекунад ва ба ҳафт бахш ҷудо мешавад: ҳисоб, ҳандаса, манозир (оптика), ситорашиносӣ, мусиқӣ, асқол ва ҳиял. Дар паҳлуи он илмҳои маданӣ, фиқҳ ва калом низ ҷой доранд, ки ҳар кадоме ба бахшҳои махсуси худ ҷудо мешаванд.

Насируддини Тусӣ илм ва фалсафаро донишҳои куллӣ мешуморад ва мавзуи фалсафаро фарогири омӯзиши тамоми мавҷудот медонад. Ба андешаи ӯ, ҳадафи фалсафа баҳсу баррасӣ дар бораи ҳақоиқи мавҷудот аст. Дар ин ҷо, инсон ба таълими дигарон ниёз надорад, балки донишро мустақим дарк мекунад, намунаи он илми кул ва ҷузъ мебошад. Дар илмҳои назарӣ бошад, ақл ба корбурди андеша ниёз дорад. Илми таълимӣ аз омӯзиши офаридаҳо ба маърифати илми илоҳӣ мерасад ва масоиле чун ваҳдати Худо дар он матраҳ мешаванд. Аз ин ҷо, бармеояд, ки ду бахши ниҳоии тақсимоти илм дар назари Тусӣ – таълимӣ ва таъйидӣ, хусусияти динӣ-мазҳабӣ доранд.

Фалсафаи амалӣ дар таълимоти Тусӣ маънои шинохти «масолеҳи ҳаракати иродӣ ва афъоли синоӣ»-и инсонро дорад, ки ҳадафаш беҳбуди зиндагии иҷтимоӣ ва расидан ба камоли маънавӣ мебошад. Ӯ онро ба ду самт ҷудо мекунад:
- масоиле, ки ба нафси фардӣ иртибот доранд;
- масоиле, ки ба нафси ҷомеа вобастаанд.

Фалсафаи амалӣ ба андешаи ӯ се бахш дорад:

1. Таҳзиби ахлоқ – шинохти фазилатҳое, ки инсонро ба саодат мерасонанд.

2. Тадбири манзил – донишҳо барои эътидоли муносибатҳои оилавӣ ва идораи мушкилоти вобаста ба он.

3. Сиёсати мудун – омӯзиши навъҳои раёсат, сиёсат ва сохтори ҷомеаҳои маданӣ.

Бар хилофи Тусӣ, Форобӣ мафҳуми «илм»-ро бештар ба кор бурда, гоҳе онро бо мафҳуми «санъат» ҳамсон медонад, зеро байни онҳо тафовути ҷиддӣ намебинад. Мантиқ дар осори Форобӣ ҳамчун илм ва санъат таъбир ёфтааст. Ба ақидаи ӯ, таснифи илмҳо, ки решааш ба даврони атиқа мерасад, ду ҳадаф дошт:

- муайян кардани робитаи илмҳо аз рӯйи мавзуъ;
- усул ва самти рушд ва тартиби таълимии тадриси онҳо.

Ин ҷанбаи методологиро ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ таҳти таъсири Арасту қабул кардаанд. Аз ин рӯ, таснифи илмҳои онҳо, мисли дигар файласуфони машшоӣ, то андозае бар системаи Арасту такя мекунад.

Ба ақидаи Форобӣ, фалсафа санъатест, ки барои ноил шудан ба корҳои судманд нигаронида шудааст. Ду манфиати асосии он дониш ва амал мебошанд, аз ин рӯ, фалсафа ба ду бахш ҷудо мешавад: фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ. Фалсафаи назарӣ ба омӯзиши мавҷудоти хориҷ аз иродаи инсон – Худо, кайҳон, ақл, ҷисмҳои осмонӣ ва табиӣ, наботот, ҳайвонот ва инсон, машғул аст. Фалсафаи амалӣ бошад, падидаҳоеро меомӯзад, ки ба ирода ва фаъолияти амалии инсон вобастаанд.

Форобӣ дар доираи ҳикмати назарӣ се соҳаи асосиро ҷудо мекунад: риёзиёт, табииёт ва илоҳиёт. Ба риёзиёт на танҳо чор бахши анъанавӣ (арифметика, ҳандаса, ситорашиносӣ ва мусиқӣ), балки оптика, асқол ва механика низ дохил мешаванд, ки имрӯз бахшҳои физика маҳсуб меёбанд.

Дар таснифоти Насируддини Тусӣ тафовутҳои назариявӣ мушоҳида мешаванд. Масалан, агар ӯ дар «Ахлоқи Носирӣ» фалсафаи назариро ба метафизика, риёзиёт ва табииёт тақсим кунад, дар «Ақсом-ул-ҳикма» илмҳоро ба тартиби дигар – табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт ҷудо карда, мантиқро дар оғози раддабандӣ меорад. Ғайр аз ин, дар бораи мантиқ низ ӯ аз Форобӣ ва ҳатто аз Арасту ва Ибни Сино тафовут нишон медиҳад: агар дар аксари мавридҳо ба тақсими ҳаштгона пайравӣ кунад, дар «Таҷрид-ул-мантиқ» ва «Асос-

ул-иқтибос» системаи нуҳгонаро бо иловаи ҷадал (топика) истифода кардааст.

Бо вуҷуди ин тафовутҳо, ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ ба нақши дониш дар ташаккули маънавияти инсон таваҷҷуҳи хоса дошта, масъалаи мавзуъ, мазмун, вазифа ва сохтори илмро таҳлил кардаанд. Онҳо кӯшидаанд ҳар илмро дар низоми умумии донишҳои назарӣ ҷой дода, моҳият ва манфиати иҷтимоии онро муайян созанд. Аз ҳамин ҷост, ки мантиқ дар таснифи ҳар ду мутафаккир мақоми вижа гирифта, ҳамчун абзори асосии тафаккури назарӣ баррасӣ мешавад.

Дар зербоби дуюми боби чорум – **«Маърифати ҳиссӣ: шаклҳо, хусусиятҳо ва нақши он дар равандҳои маърифатӣ»**, масъалаи маърифати ҳиссӣ дар андешаи мутафаккирон баррасӣ шудааст. Таъсири таълимоти Арасту ба Форобӣ ва Насируддини Тусӣ хеле равшан аст. Арасту эҳсосро шарти аслии зиндагии мавҷуди зинда дониста, воқеиятро аз зарраҳо ва шаклҳои гуногун таркибёфта мешуморад, ки барои инсон танҳо тавассути ҳис ошкор мешавад.

Форобӣ ва Тусӣ низ эҳсосро ибтидои маърифат медонанд, вале онро маҳдуд ва нопойдор мешуморанд. Ба назари онҳо, донишҳои куллӣ танҳо бо такя ба ақл ва қобилияти абстрактии инсон ба даст меоянд. Бо вуҷуди ин, эҳсос нақши муҳим дорад, зеро, маҳз, аз таҷрибаи ҳиссӣ имкони идроки умумиятҳо пайдо мешавад.

Форобӣ ҳавосро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: зоҳирӣ ва ботинӣ. Ҳавоси ботиниро ӯ ба панҷ қувва табақабандӣ менамояд: ҳисси муштарак, мусаввара, ваҳм, ҳофиза ва мутафаккира. Тусӣ низ ин назарияро густариш дода, қувваҳои зоҳириро панҷто (биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва басовиш) ва ботиниро аз ҳисси муштарак, тахайюл, мутасаррифа, мутаваҳҳима ва ҳофиза иборат медонад. Ҳар яке аз ин қувваҳо вазифа ва аҳкоми махсуси худро дорад. Навовари ҳар ду мутафаккир дар он аст, ки шинохти ҳиссиро бо мафҳумҳои фалсафии «шакл» ва «сурат», «қувва» ва «феъл» тавзеҳ медиҳанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки таъсир аз ашё тавассути аъзои ҳис ба маркази дарк интиқол меёбад ва дар нафс

таҷассум меёбад. Инсон ҳеҷ гуна дониш ё тасаввури пешакиро надорад, ҳама дониш аз ҳис оғоз мегирад.

Ин нуктаро метавон дар се хулоса ҷамъбаст кард:

1. Маншаи ҳамаи тасаввурот эҳсос аст.

2. Бо таркиб, муқоиса ва татбиқи тасаввурот инсон ба донишҳои куллӣ мерасад.

3. Ҳақиқати идрок бо меъёрҳои таҷрибавӣ тасдиқ мешавад.

Форобӣ ва Тусӣ вазифаи умумии қувваҳои ботиниро абстраксия – ҷудо кардани маъно аз суратҳои маҳсус медонанд. Ҳавоси зоҳирӣ ҳар кадом хабарро аз як навъи эҳсос интиқол медиҳанд. Форобӣ онҳоро «ҷосусон»-и қувваи раиса меномад, ки ахборро ба «нафс» мерасонанд. Дар «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила» ӯ дар пайравӣ ба Арасту, маркази ҳисси муштаракро дар қалб ҷой дода, қалбро манбаи ҳарорати ғаризӣ мешуморад.

Ҳамин тавр, дар андешаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, маърифат натиҷаи равандҳои пайдарпайи ҳис кардан, ҳифз намудан, ташхис додан ва таҷарруд сохтани суратҳо мебошад. Қувваҳои ботинӣ – аз ҳисси муштарак то қувваи мутахаййила на танҳо василаи дарки олам ҳастанд, балки шароити зарурии гузариш ба маърифат ва ақлу андеша ба шумор мераванд.

Дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи ҷойгоҳи маърифати ҳиссӣ дар раванди шинохт, тафовутҳои муҳим дар фаҳми назариявии онҳо низ ба назар мерасанд. Ин тафовутҳоро метавон дар чанд нуктаи аслӣ ҷамъбаст кард: 1. Сарчашмаи суратҳои маърифатӣ: Форобӣ нафсро худ сарчашмаи суратҳо мешуморад, ки дар раванди дарк фаъолона амал мекунад ва ба суратҳои маъқул хусусияти абадӣ ва ғайримоддӣ медиҳад. Ба андешаи ӯ, нафс аз модда гузашта, бо ақли фаъол иртибот барқарор мекунад ва маърифати ҳақиқиро дар сатҳи куллиёт таъмин менамояд. Насируддини Тусӣ қобилиятҳои нафсро ҳамчун мақоми қабули суратҳои муҷаррад аз ашёи маҳсус медонад ва ба раванд хусусияти табиӣ ва тадриҷӣ медиҳад. 2. Дарки куллиёт ва ҷузъиёт: Насируддини Тусӣ бар он аст, ки нафси инсон ҳам

қобилияти дарки ҷузъиёт (тавассути ҳис ва тахайюл) ва ҳам куллиёт (тавассути ақл)-ро дорад. Ин як дидгоҳи таҷрибагароёна ва мантиқиест, ки ба марҳилаи шинохт пойбанд аст.

Ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ бар онанд, ки шинохти воқеии ашё танҳо бо гузариш аз марҳалаи ҳис ва ҷисм ба марҳалаи ақл ва маъқул имконпазир аст. Онҳо таҷридро шарти зарурии маърифат медонанд, зеро танҳо дар ҳолати раҳоӣ аз модда ва араз шинохти зоти ашё дастрас мешавад. Насируддини Тусӣ нафс ва Форобӣ ақли ба қувваро ҳамчун мавҷуди ғайримоддӣ тавсиф мекунанд, аммо бар онанд, ки онҳо бидуни ҷисм наметавонанд амал кунанд. Аз ин рӯ, масъалаи маърифати ҳиссӣ, дар андешаи ҳар ду, ҷанбаи дугона дорад: маънавӣ (нафс) ва моддӣ (ҷисм).

Аз таҳлилҳои онҳо хулоса мешавад, ки назарияи маърифати ҳиссӣ дар доираи анъанаи машшоия шакл гирифтааст ва умумиятҳои консептуалӣ дорад:

- таносуби нафс ва ақл, нафсонӣ ва ақлонӣ;
- робитаи маҳсусот ва маъқулот;
- нақши ҳавоси зоҳир ва ботин дар шинохт;
- ҷойгоҳи тахайюлот ва тасаввурот;
- таҳлили ҷузъиёт ва куллиёт;
- робитаи идрок бо ҳукмҳои мантиқӣ.

Бо вуҷуди ин, тафовутҳо низ равшананд. Аввалан, Форобӣ маърифати ҳиссиро бештар дар заминаи масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ шарҳ медиҳад, дар ҳоле ки Тусӣ онро аз дидгоҳи фалсафӣ ва илмҳои табиӣ (физика, нуҷум, риёзиёт) таҳқиқ мекунад. Дуюм, Форобӣ ба қувваҳои ҳис хусусияти илоҳӣ нисбат медиҳад, аммо Тусӣ онҳоро ба Нафси кул иртибот медиҳад. Сеюм, дар назарияи Форобӣ дарки куллиёт танҳо тавассути ақл ва нафс имконпазир аст, дар ҳоле ки Тусӣ ҳам идроки куллиёт ва ҳам ҷузъиётро тавассути фаъолияти нафс ва ақл шарҳ медиҳад. Ниҳоят, Форобӣ назарияи инъикосро ба таври умумӣ, бештар дар заминаи ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ мефаҳмонад, аммо Тусӣ онро ҳамчун бахши калидии системаи фалсафии худ дар робита бо мантиқ,

физика, риёзиёт ва илмҳои дигар ба таври муфассал таҳқиқ менамояд.

Дар зербоби сеюми ҳамин боб масоили марбут ба **«Маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ва таҳлили он дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Усулҳои маърифати ақлонӣ ба он марбутанд, ки инсон чӣ гуна фикр мекунад, дарк менамояд, хотирро ҳифз мекунад ва онро идора месозад. Воситаи асосии ин раванд худи ақл аст, ки дар фалсафа мақоми калидӣ дошта, диққати файласуфони бузург, аз ҷумла, Форобӣ ва Насируддини Тусиро ба худ ҷалб намудааст. Дар таълимоти онҳо таъсири равшани андешаҳои файласуфони Юнони қадим, бахусус, Арасту ба хубӣ эҳсос мешавад.

Маърифати ақлонӣ ҳамчун қобилияти тааққулӣ – яъне дарки ҳақиқати ашё тавассути ақл, дар таълимоти ҳар ду мутафаккир бо унсурҳои космологияи арастуӣ ва назарияи навафлотунии судури нур пайванд ёфтааст. Онҳо ақлро унсури муттаҳидкунандаи се воқеияти асосӣ – олами илоҳӣ, табиати инсон ва ҳаёти иҷтимоӣ медонанд. Ҳар ду мутафаккир маърифати ақлониро аз воқеияти олам ва кайҳоншиносии олами боло оғоз мекунанд. Мабдаи асосӣ дар ин низом ақл аст, ки ҷавҳари мавҷуди аввалро ташкил медиҳад. Аммо минбаъд фарқиятҳо падид меоянд:

- Форобӣ назарияи судури даҳ ақлро меорад, ки аз ақли аввал сар шуда, ҳар як ақл ақли зинаи баъдиро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи ӯ, сабаби аввал Худо, сабабҳои дуюмдараҷа ҷисмҳои осмонӣ ва ақли фаъол воситаи пайванди инсон бо ҷаҳони маъқул аст. Ҳамин тавр, низом бар шаш мабдаъ устувор мешавад: сабаби аввал, сабабҳои дуюмдараҷа, ақли фаъол, нафс, сурат ва модда.
- Насируддини Тусӣ бошад, ба ҷойи даҳ ақл, мафҳуми Ақли кул ва Нафси кулро ворид мекунад. Ӯ дар баъзе мавридҳо Ақли кулро бо Ақли аввал мутобиқ карда, равиши «ибдоъ»-ро баён менамояд. Ин таълимот, гарчанде дар зоҳир аз андешаи Форобӣ фарқ мекунад, дар асл, ба мазмуни он наздик аст.

Дар таълимоти Форобӣ, қувваи тасаввур қобилияти ҳифзи таассуроти ҳиссӣ дар хотир, таҳлил, таркиб ва ба ҳам омезиши онҳоро ифода мекунад. Маҳз, дар асоси ҳамин таассурот маълумоти ҳақиқӣ ё ботил, аз ҷумла, таассуроти хоббинӣ ба вуҷуд меоянд. Ин қувва миёнарав байни ҳавоси зоҳирӣ ва ақл буда, иттилооти аз ҳис воридшударо барои коркарди минбаъда ба ақл интиқол медиҳад.

Форобӣ чор дараҷаи ақлро муайян мекунад:

1. Ақли ба қувва – қувваи қобилиятдорест, ки омода аст моҳият ва суратҳои ашёро аз модда таҷрид кунад;
2. Ақли ба феъл – марҳилаест, ки дар он маъқулот дар зеҳн воқеан таҷассум меёбанд;
3. Ақли мустафод – натиҷаи дарки маъқулот аз ҷониби ақли ба феъл аст, ки ба худи ҷавҳари маъқулот табдил меёбад;
4. Ақли фоил – марҳилаи комил ва феълии ақл, ки маърифати воқеиро таъмин менамояд.

Насируддини Тусӣ низ дар таҳлили маърифати ақлонӣ ба суратҳои ақлӣ таваҷҷуҳ мекунад, ки онҳо баргирифта аз воқеият дар шакли ҷавҳар, араз, воҳид ва касир буда, танҳо тавассути таҷрид ва қудрати ақл қобили дарканд. Ба ақидаи ӯ, тааққул худи амали мустақими ақл аст ва миёнарави дигар надорад. Тусӣ тааққулро ба ду навъ ҷудо мекунад:

1. Ақли назарӣ – донише, ки инсон дар бораи ҳастӣ ва моҳиятҳои олам ба даст меорад;
2. Ақли амалӣ – усул ва қоидаҳои ахлоқӣ ва арзишманд, ки рафтор ва амалҳои инсонро роҳнамоӣ мекунанд ва боиси ташаккули ахлоқи фозил мегарданд.

Ҳарду мутафаккир донишро ба робитаи мустақим бо ҳастӣ ва моҳиятҳо иртибот медиҳанд. Ба андешаи Тусӣ, майл ба дониш дар табиати инсон реша дорад ва тавассути эҳсос зоҳир мешавад. Вобаста ба қобилият, инсон навъҳои гуногуни донишро ба даст меорад: аввал бо шинохти хосиятҳои ашё, сипас, бо гурӯҳбандӣ ва ниҳоят бо дарки сабабҳо ва қонунҳои умумӣ, ки ба кашфи принсипҳои аввалия ва тавзеҳи мантиқии ҷаҳон меоварад.

Насируддини Тусӣ робитаи возеҳи байни тасаввуроти метафизикӣ, физикӣ ва забонӣ-мантиқиро таъкид намудааст. Вай равандҳои шинохтро аз зинаҳои ҳиссӣ ба зинаҳои ақлӣ ва маъқулӣ пайгирӣ менамояд. Дар доираи консепсияи майл, Насируддини Тусӣ ин мавзуъро бо ҳаракати нафс пайванд дода, нафс мақом ва аҳаммияти худро нисбат ба суръати ҳаракат (тез ё суст) муайян менамояд. Консепсияи лаззат ва саодат дар таълимоти Форобӣ низ ҳамчун ҳадафи ниҳоии мутаносибан маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлонӣ мавқеи хоса доранд, аммо дар омезиши бо онҳо консепсияи майл ба ҳадде, ки Насируддини Тусӣ ба кор бурдааст, мақоми бузурге надорад.

Боби панҷуми диссертатсия бо унвони **«Нақши мантиқ ҳамчун методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** ба таҳқиқи ҷойгоҳ ва аҳаммияти мантиқ дар шинохти воқеият бахшида шудааст.

Зербоби аввали он, таҳти унвони **«Маърифати олам аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ба баррасии назарияи шинохт ва роҳҳои маърифатии ду мутафаккири барҷастаи Машриқзамин ихтисос ёфта, нишон медиҳад, ки чӣ гуна мантиқ ҳамчун абзори методологӣ ва меъёри таҳқиқи ҳақиқат дар осори онҳо ҷойгоҳи меҳварӣ пайдо кардааст.

Дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ барои фаҳми низоми ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он назарияҳои мураттаб ва маърифатшиносӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо бо истифода аз равишҳои мантиқӣ ва таҷрибавӣ равандҳои шинохти ҳақиқат, табақабандии дониш ва унсурҳои зарурии маърифатро шарҳ медиҳанд, ки дар он мафҳумҳои асосӣ – эътиқод, ҳақиқат, зарурат ва тасодуф, бо ҳам алоқаманд шудаанд.

Ҳарду мутафаккир, ба таҳқиқи дониш ва усулҳои маърифати илмӣ таваҷҷуҳ намуда, консепсияҳои хоси маърифати худро таҳия кардаанд. Ин назарияҳо унсурҳои метафизикӣ, кайҳоншиносӣ ва табиатшиносии юнониён,

бахусус, Арасту ва навафлотуниёнро инъикос намуда, онҳоро бо арзишҳои исломӣ мутобиқ сохтаанд.

Муҳимтарин хусусияти Ақл ҳастии зотии он аст: субъекти тафаккур, худи тафаккур ва объекти тафаккур дар як воҳид муттаҳид мешаванд. Дар ин масъала миёни Форобӣ ва Тусӣ ихтилоф нест. Форобӣ низоми даҳгонаи судури ақлҳоро шарҳ дода, Мавҷуди Аввалро ҳамзамон, Худо ва Ақл донистааст, ки сабаби аввалини офариниш аст. Тусӣ бошад, бештар ба таносуби Худо – Ақл – Нафс таваҷҷуҳ мекунад ва дар низоми худ «Ақли кул» ва «Нафси кул»-ро ворид месозад.

Форобӣ Ақли фаъолро муҳаррики суратҳо медонад, ки ашёро аз қувва ба феъл мегузаронад. Аммо дониш дар бораи ҳастии комил барои инсон ҳамеша нопурра мемонад. Дар муқоиса, Тусӣ «Ақли аввал»-ро ибдои маҳз мешуморад, ки мустақим аз амри илоҳӣ содир мешавад, дар ҳоле ки дигар мавҷудот тавассути миёнаравон – ақл, нафс, табиат ва ҷисм ба вуҷуд меоянд.

Ҳарду файласуф назарияи маърифати оламро бо кайҳоншиносӣ пайванд додаанд: ҷисмҳои осмонӣ моддаро ташкил медиҳанд ва инсон тавассути ақл, нафс, ҳавос ва ҳадс онҳоро мешиносад. Ҳаракати даврии осмонҳо аз ҳолати қувва ба ҳолати феъл роҳ меёбад ва асоси шинохти инсонро таъмин мекунад. Форобӣ ва Тусӣ таъкид менамоянд, ки гуногунии мавқеи ҷирмҳои осмонӣ нисбат ба якдигар ва Замин боиси пайдо ё пинҳон гардидани онҳо мегардад, ки ин ҳолат, на аз моҳияти худи онҳо, балки аз муносибаташон бо низоми кул вобаста аст.

Ақл, ҳамчун мавҷуди руҳонӣ, болотар аз фалаки Моҳ қарор дошта, миёни мавҷудоти ақлонӣ ва мавҷудоти дорои моддаву сурат ҷой мегирад. Вазифаи асосии он тасдиқи вуҷуди мавҷудот ва тавлиди фалаки зери Моҳ аст. Мавҷудоти дар ҳолати қувва қарордошта танҳо ба шарофати таъсири Ақл (дар тафсири Форобӣ) ё Нафс (дар тафсири Насируддини Тусӣ) ба феъл табдил меёбанд.

Насируддини Тусӣ ҳар гуна тасвир ё сурате, ки тавассути қувваҳои идрокӣ дар ақл ҳосил мешавад, идрок меномад ва дар маърифати олам нақши марказиро ба Ақли фаъол ё

Нафси нотиқаи инсон медиҳад. Ба андешаи ӯ, камоли инсон ду ҷанба дорад:

1. Қувваи илмӣ – шавқ ба дониш, талош барои иҳотаи маротиби мавҷудот ва кашфи ҳақоиқ.

2. Қувваи амалӣ – татбиқи донишҳои умумӣ дар ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ тавассути ирода ва интихоби огоҳона.

Форобӣ ва Тусӣ донишро раванде мешуморанд, ки аз таҷрибаи ҳиссӣ оғоз ёфта, тавассути ҳавос ба ақли фаъол ва нафси нотиқа интиқол меёбад. Қувваи ақлонӣ дар низоми онҳо мақоми олӣ дошта, инсонро аз ҳайвонот ҷудо мекунад ва воситаи расидан ба донишҳои ҳақиқӣ мебошад. Ба қавли Тусӣ, инсонҳои комил онҳоеанд, ки камолоти худро дар сатҳи илмӣ ва амалӣ пурра зоҳир месозанд.

Ақли амалӣ, тибқи таълимоти Форобӣ, Ибни Сино ва Тусӣ, ду вазифа дорад:

1. Исботи орои куллӣ – қонунҳои умумии рафтор ва ҳукмҳоро бар асоси муқаддамоти назарӣ муайян мекунад.

2. Интиқол ба ҷузъиёти амал – донишҳои умумиро ба ҳаёти воқеӣ татбиқ намуда, иродаи инсонро барангехта, асоси ахлоқи фозиларо месозад.

Ин раванд танҳо вақте комил мегардад, ки ақли амалӣ ҳамчун малакаи устувор дар инсон ҷой гирифта, фазилатҳо бар разолатҳо ғолиб оянд. Аз ин рӯ, дар инсоншиносии Тусӣ нафси нотиқа ҳам қудрати шинохти ҳастиву нестиҳо ва ҳам тавоноии интихоби амали дурустро дорад. Форобӣ ва Тусӣ таъкид мекунанд, ки дониш танҳо вақте ҳақиқӣ мешавад, ки объект қаблан ҳамчун ҳастӣ муайян ва сипас бо таҳқиқу далелҳои мантиқӣ исбот гардад. Ин раванд ду марҳила дорад:

- Эътиқоди ибтидоӣ – шинохти аввалия тавассути ҳис ва таҷрибаи ботинӣ.
- Тасдиқи мантиқӣ – санҷиши он бо далелу қонунҳои ақлонӣ.

Ба ин маънӣ, маърифат танҳо эътиқод нест, балки низоми муназзамест, ки дар он ҳақиқат, зарурат, абадият ва ғайритасодуфӣ муттаҳид мешаванд.

Ба андешаи Насируддини Тусӣ дониши ҳақиқӣ он аст, ки пайванди мустақим бо ҳақиқати ашё дошта бошад, на бо зоҳироте, ки зери таъсири тағйир ва таҳаввул қарор доранд. Форобӣ ва Тусӣ инсонро қодир ба камол дониста, бахту саодатро натиҷаи интихоб ва амали бошууронаи ахлоқӣ мешуморанд, ки тамоми қувваҳои руҳонӣ ба кумаки ақл сафарбар мешаванд.

Зербоби дуюми боби панҷум ба таҳлили **«Консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»,** ихтисос ёфтааст. Дар он чунин масъала баррасӣ мешавад, ки ҳақиқат дар осори ҳар ду мутафаккир, танҳо мафҳуми фалсафӣ набуда, балки меъёри асосии маърифат дониста мешавад. Ҳақиқат дар иртибот бо воқеият, шинохти ботинӣ ва санҷиши мантиқӣ муайян мегардад ва бо низоми истидлолу табақабандии дониш пайванди зич дорад. Форобӣ ва Тусӣ ҳақиқатро ҳадафи олӣ мешуморанд, ки инсон ҳанӯз ба таври комил ба он даст наёфтааст. Он уфуқи тафаккур ва зиндагии инсонро муайян мекунад. Аз ин рӯ, ҳар раванди маърифат, роҳи расидан ба ҳақиқат шумурда мешавад. Ба назари Форобӣ, мантиқ маҷмуи қонунҳоест, ки такмили ақлро таъмин намуда, инсонро ба ҳақиқат мерасонад. Насируддини Тусӣ низ ба ҳамин маънӣ ишора карда, тавассути таҳлили санъатҳои мантиқ ва қонунҳои иштибоҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон ҳақро аз ботил фарқ кард. Бо вуҷуди ин, ӯ бештар аз истилоҳоти “сидқ” ва “кизб”, содиқ ва ғайрисодиқ, исбот ва ибтол истифода мебарад. “Мафҳуми ҳақиқат” дар андешаҳои ин ду мутафаккир на танҳо дар чаҳорчӯбаи мантиқ, балки дар метафизика, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар марҳилаи олӣ ҳақиқат бо маърифати зоти илоҳӣ иртибот меёбад ва бо сифати илоҳии «Ҳақ» тавзеҳ дода мешавад. Форобӣ Худоро нахустин мавҷуд ва сарчашмаи ҳақиқат медонад, ки ба ҳамаи мавҷудот ваҳдат ва воқеият мебахшад. Тусӣ бошад, инро бо шарҳи ирфонӣ-тасаввуфӣ тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки толиби Ҳақ бояд аз ҳама чизе,

ки ӯро аз он дур мекунад, канора ҷӯяд ва ба амалҳое рӯ оварад, ки ба ҳақиқат наздик месозанд.

Ҳар ду мутафаккир бар инанд, ки ҳақиқат дар мувофиқати андеша бо воқеият ифода меёбад. Форобӣ ин назарияро дар асари худ «Шароит-ул-яқин» ба шакли мукаммал баён мекунад: ҳақиқат дар мутобиқати андеша бо вазъи воқеии ашё берун аз зеҳн аст (вуҷуд-уш-шайъ мин хориҷ). Ба иборати дигар, ҳақиқат баробар бо набудани мухолифат байни он чизе, ки ақл тасдиқ мекунад ва воқеияти беруна мебошад.

Насируддини Тусӣ дар афкори мантиқии худ масъалаи тааллуқ доштани рост ва дурӯғ ба қазияҳои шартиро баррасӣ мекунад. Ба назари ӯ, хосияти онҳо на ба зот, балки ба робитаи миёни қазияҳои дохилӣ вобаста аст. Дар ҳамин замина, вай тадриҷан ба шарҳи мафҳуми «яқин» мегузарад ва онро ҳамчун эътиқоди содиқи ҷозими собит таъриф мекунад. Ба таъкид, яқин бо мутобиқат ба воқеият тавъам аст ва аз «зан (н) (гумон)» ва эътиқоди тақлидӣ фарқ дорад.

Сарфи назар аз талошҳои мутафаккирон барои бартараф намудани мухолифоти назарӣ ва мутобиқ сохтани натиҷаҳои онҳо ба воқеияти метафизикӣ ва физикӣ, масъалаи онтологӣ дар бораи маънои «донистан» ва ҷустуҷӯйи воқеият ё ҳақиқат ҳамоно муҳим боқӣ мемонад. Аз дидгоҳи методологӣ, Форобӣ ва Тусӣ ҳақиқатро дар доираи назарияи мутобиқат мефаҳманд: ҳақиқат вақте падид меояд, ки андеша ба воқеият мувофиқат кунад. Ба андешаи онҳо, ҳақиқат на як падидаи мустақил, балки ҳамеша дар муносибати мутақобилаи шуур ва воқеият ошкор мегардад.

Таҳлили муқоисавии консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ моро ба хулосаҳои зерин мерасонад: 1. Таълимоти ҳарду мутафаккир зери таъсири амиқи фалсафаи Юнон, махсусан, андешаҳои Афлотун ва ба таври хос Арасту ташаккул ёфтаанд. 2. Меъёри марказии ҳақиқат дар андешаи ҳарду файласуф мутобиқати ақл бо воқеият мебошад. 3. Таҳлили ҳақиқат аз назари онҳо аз сатҳи метафизикӣ оғоз шуда, то ба

баррасиҳои мантиқӣ ва маърифатӣ мерасад. 4. Дар муқоиса бо маърифати ҳиссӣ ва ақлонӣ, ки дар бахшҳои қаблӣ баррасӣ гардида буданд, тафовути ҷиддии назариявӣ байни Форобӣ ва Тусӣ дида намешавад. Ихтилофот бештар хусусияти услубӣ ва методологӣ доранд – масалан, фарқ дар истифодаи истилоҳот, услуби баёни қазияҳо ва интихоби мисолҳои мантиқӣ.

## ХУЛОСАҲО

1. Таҳлили осори фалсафӣ-мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки таъсири амиқи афкори Юнони бостон, бахусус таълимоти Арасту, дар ташаккули низоми масоили мантиқӣ ва маърифатии онҳо ҷойгоҳи муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, Форобӣ ва Тусӣ, танҳо пайрав набуда, балки бо назари интиқодӣ ва таҳлилии фалсафӣ ба мероси Арасту муносибат намудаанд. Махсусан, ҷудо кардани мантиқ ба ду бахши бунёдӣ – тасаввур ва тасдиқ, ки аз ҷониби Форобӣ пешниҳод гардид ва минбаъд ба як модели устувори мантиқнигорӣ дар осори Ибни Сино ва дар шакли мукаммалаш дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ инкишоф ёфт, аз муҳимтарин қадамҳои эҷодии ин ду мутафаккир арзёбӣ мегардад [4-М; 5-М; 7-М; 12-М; 14-М; 16-М; 38-М].

2. Ҳар ду файласуф мантиқро пояи тавлиди дониш ва меъёри фарқгузории маърифати саҳеҳ аз носаҳеҳ донистаанд. Онҳо бо истифода аз истилоҳоти юнонӣ ва таҳияи истилоҳоти нав, низоми мукаммали шарқии мантиқро ба вуҷуд овардаанд. Тафовуташон бештар дар услуби баён ва низоми истилоҳот дида мешавад. Агар шеваи баёни Насируддини Тусӣ бештар мураккаб ва борикбинона бошад, шеваи таҳлили Форобӣ содатар, равшантар ва дорои низоми системавист, ки ба хонанда имкон медиҳад дарки равшантаре аз масъалаҳои мантиқӣ ба даст орад [10-М; 18-М; 22-М; 34-М; 41-М].

3. Таснифи илмҳо дар осори Форобӣ ва Тусӣ механизми назариявии дарки сохтори дониш ва танзими маърифат аст. Форобӣ нақши мантиқро ҳамчун абзори муқаддам таъкид мекунад, дар ҳоле ки Тусӣ бо таҳлили густарда ва назари фарогир онро тавсеа медиҳад. Ҳар ду таснифоти илмиро рукни

бунёдии низоми таълимӣ ва тафаккури илмӣ мешуморанд, бо тафовути интихоб ва услуби баён [4-М; 5-М; 21-М; 22-М; 24-М; 33-М].

4. Осори мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Тусӣ нишон медиҳанд, ки забон барои онҳо на танҳо воситаи муошират, балки пояи маърифати инсонӣ ва унсури фалсафӣ будааст. Форобӣ нақши забонро дар ташаккули тафаккур шарҳ дода, робитаи он бо мантиқро нишон медиҳад. Тусӣ бошад, бо такя ба Форобӣ ва Ибни Сино, дар «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор» модели ҳамгироии мантиқ ва забонро таҳия кардааст. Мероси онҳо то имрӯз барои фалсафаи забон ва худшиносии миллӣ аҳаммият дорад [8-М; 9-М; 11-М; 13-М; 20-М; 40-М; 41-М].

5. Мафҳум (лафз) дар таълимоти ҳарду мавқеи меҳварӣ дорад. Он воситаи тасвир ва асоси умумисозии воқеият буда, на танҳо воҳиди забонӣ, балки унсури назариявии бунёдӣ шумурда мешавад. Маҳз тавассути мафҳум тафаккур ба сатҳи абстрактӣ ва интизомёфта мебарояд. Мероси онҳо то ҳол барои рушди таҳлили мафҳумҳо ва густариши ҷаҳонбинии маърифатӣ заминаи муҳим фароҳам меорад [2-М; 4-М; 5-М; 10-М; 15-М; 18-М; 23-М].

6. Қазия ҳамчун шакли калидии андешаи мантиқӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳар ду мутафаккир қарор дорад. Форобӣ сохтори дохилии қазия, робитаи мубтадо ва хабар ва нақши бандакҳои мантиқиро шарҳ медиҳад. Тусӣ бошад, таҳлили онро амиқтар намуда, масъалаи шартият, муқобиланигарӣ ва таноқузро бо таснифи муфассал баррасӣ кардааст. Ин назари онҳо ба қазия ва робитаи он бо қиёс, хулоса ва баҳсҳо ба рушду такомули мантиқ дар асримиёнаи Шарқ мусоидат намуда, то имрӯз барои мантиқшиносии муосир арзишманд аст [5-М; 6-М; 15-М; 16-М; 25-М].

7. Дар афкори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ назарияи қиёс ҳамчун абзори асосии маърифат ва дарки ҳақиқат мавқеи марказӣ дорад. Форобӣ бо низоми муназзами истилоҳот ва таҳрири дақиқи сохторҳои қиёсӣ пояи мантиқшиносии анъанавии Шарқро гузошт. Насируддини Тусӣ ин меросро бо таҳқиқи зарбҳои гуногуни

қиёс, тавсеаи шаклҳои хулосабарорӣ ва ҷорӣ намудани методи таҳлилии амалӣ такмил бахшид. Ҳарду мутафаккир мантиқро на фанни маҳдуди абстрактӣ, балки дастгоҳи таълимӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ арзёбӣ намудаанд, ки то имрӯз дар методологияи илм ва таҳкими қобилияти таҳлилӣ аҳаммият дорад [4-М; 11-М; 12-М; 13-М; 26-М].

8. Мафҳуми бурҳон дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ пояи исбот ва воситаи дарки илмии ҳақиқат аст. Форобӣ бурҳонро навъе аз қиёс мешуморад, ки бар муқаддимаҳои яқинӣ асос ёфта, натиҷаи дорои дараҷаи итминон ба вуҷуд меорад. Насируддини Тусӣ мавзуи бурҳонро бо таҳлили амиқ, аз ҷумла бурҳони лимӣ (сабабӣ), иннӣ (вуҷудӣ) ва истиқроӣ тавсеа додааст. Ӯ намудҳои мухталифи муқаддимот ва шароити татбиқи дурусти бурҳонро шарҳ дода, онро меъёри муҳимми маърифат донистааст. Ба андешаи ҳарду мутафаккир, бурҳон танҳо дар сурате боэътимод аст, ки бар асоси маърифатҳои қатъӣ ва мантиқан пазироишшаванда бунёд ёбад. Аз ин рӯ, бурҳон на танҳо воситаи назариявии исбот, балки заминаи устувори рушди тафаккури илмӣ ва фарҳанги таҳқиқотӣ мебошад [12-М; 19-М; 32-М; 42-М].

9. Форобӣ ва Тусӣ ҷаҳонро ҳамчун раванди ҳамгироёнаи ақлӣ, ҳиссӣ ва метафизикӣ шарҳ додаанд, ки инсон тавассути неруҳои маърифатӣ ба дарки ҳақиқат мерасад. Маърифат маҳсули робитаи мутақобили нафс ва ақл бо ҷаҳони воқеист ва бо Ақли фаъол пайванди ногусастанӣ дорад. Шинохт замоне комил мегардад, ки инсон аз зинаҳои ҳис, тасаввур ва тафаккур гузашта, ба маъқулоти ҷовидон расад. Форобӣ маърифатро роҳи камоли ахлоқӣ ва саодати ақлонӣ мешуморад, дар ҳоле ки Тусӣ равандҳои маърифатӣ ва неруҳои шинохтиро бо таҳлили муфассал такмил медиҳад. Ҳарду таъкид мекунанд, ки шинохти олам ва хештан як раванди ягона буда, заминаи зиндагии маънавии инсонро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, робитаи илм ва амал, барои онҳо асосӣ аст: маърифат на танҳо ҷустуҷӯйи ҳақиқат, балки шарти камоли инсонӣ мебошад [11-М; 13-М; 21-М; 22-М].

10. Баррасии назарияи маърифати ҳиссӣ ва масоили инъикос дар осори Форобӣ ва Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир дар чорчӯби фалсафаи машшоия масъалаи шинохтро бо назари амиқ таҳлил кардаанд. Шинохт аз ҳис оғоз ёфта, тавассути зеҳн ва ақл ба маъқулот мерасад. Форобӣ нақши неруҳои тахайюл ва ҳисро дар ташаккули идрок таъкид намуда, онҳоро бо сохтори ахлоқӣ ва иҷтимоӣ пайванд медиҳад. Тусӣ бошад, масъалаи инъикосро бо табиати воқеият, шинохти математикӣ ва низоми илмӣ мепайвандад. Тафовут дар он аст, ки Форобӣ маърифати куллиро танҳо ба ақл вобаста мекунад, дар ҳоле ки Тусӣ ҳам кулл ва ҳам ҷузъро тавассути тамоми қувваҳои шинохт қобили дарк медонад [3-М; 12-М; 27-М; 38-М].

11. Мантиқ дар осори ҳар ду мутафаккир танҳо воситаи техникии фикр нест, балки заминаи усулӣ барои шинохти ҳақиқат ва такомули маърифат мебошад. Форобӣ онро асоси таҳаввули илмҳо ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки ақл тавассути таҳлили мантиқӣ ба қонунмандии олам роҳ меёбад. Насируддини Тусӣ бошад, бо ҳифзи сохтори арастуӣ, талош мекунад онро бо калом ва илмҳои табиӣ ҳамоҳанг созад. Ӯ дар низомсозии назарияи қазияҳо, шаклҳои қиёс ва усулҳои хулосабарорӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҳарду мантиқро бо ахлоқ ва сиёсат пайванд медиҳанд, то маърифати ақлонӣ на танҳо фаҳми илмӣ, балки асоси ахлоқи фардӣ ва низоми иҷтимоӣ гардад [12-М; 15-М; 18-М; 21-М; 22-М; 38-М; 42-М].

12. Форобӣ ва Тусӣ дар фаҳми ҳақиқат зери таъсири мустақими афкори Арасту қарор доранд. Онҳо ҳақиқатро мутобиқати андешаи ақлӣ бо воқеияти объективӣ мешуморанд ва барои исбот аз бурҳон, шаккокӣ, рад ва исбот истифода мекунанд. Форобӣ ҳақиқатро бештар бо низоми ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мепайвандад, дар ҳоле ки Тусӣ онро ҳамчун падидаи зеҳнӣ ва табиӣ шарҳ медиҳад. Ҳарду маърифати ҳақиқиро тавассути равандҳои ақлонӣ ва мантиқӣ таҳлил намуда, онро то сатҳи метафизикӣ боло мебаранд. Онҳо шаккокиро унсури созандаи маърифат дониста, на радкунандаи ҳақиқат. Ҳамин тавр, таълимоти онҳо ҳам

идомаи фалсафаи юнонӣ ва ҳам мутобиқсозии он бо муҳити асримиёнагӣ мебошад [11-М; 22-М; 24-М; 35-М].

13. Дар маҷмуъ, таълимоти мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо модели классикии андешаронӣ, балки сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти муосир дар фалсафа, маориф, фарҳанг ва идоракунии иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Афкори онҳо, ки бар ақл, таҷриба ва таҳлили мантиқӣ устувор шудаанд, метавонанд дар такмили фарҳанги маърифатӣ ва рушди ҷомеаи хирадгарои тозаистиқлоли тоҷик нақши меҳварӣ дошта бошанд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Якҷосозии мантиқ ва маърифати ақлонӣ ба барномаҳои таълимӣ. Бо такя ба андешаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки мантиқро пояи дониш ва воситаи асосии фикр мешуморанд, зарур аст, ки фанни мантиқ дар барномаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ густариш ёбад. Мантиқ бояд на танҳо фанни фалсафӣ, балки абзори таҳлили интиқодӣ, хулосабарорӣ ва баҳс омӯзонида шавад.

2. Таҳияи барномаҳои омӯзиши маърифати ақлонӣ ва ахлоқи илмӣ. Консепсияҳои маърифати ақлонӣ, ки аз ҷониби ҳар ду мутафаккир пешниҳод шудаанд, ҳамчун заминаи тарбияи шахсият ва рушди тафаккури озод бояд мавқеи марказӣ дошта бошанд. Пешниҳод мегардад, ки курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба ахлоқи маърифатӣ ва фарҳанги таҳқиқотӣ таҳия гарданд.

3. Ташкили курсҳои академӣ оид ба фалсафа ва мантиқ. Дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ дар пояи осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ роҳандозӣ шаванд. Онҳо метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯёни риштаҳои фалсафа, диншиносӣ ва таърих муҳим бошанд.

4. Пайваст намудани мантиқ бо илмҳои дигар. Бо истифода аз равиши универсалии мантиқ, ки Форобӣ ва Тусӣ пешниҳод кардаанд, муносибати байнисоҳавии илмҳо (табиӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ) таҳким меёбад. Мантиқ метавонад воситаи ягона барои таҳлили илмҳои гуногун ва таҳияи равишҳои муштараки таҳқиқӣ гардад.

5. Таҳияи барномаҳо оид ба тафаккури интиқодӣ ва шаккокии созанда. Модели шаккокӣ ва таҳлили мунтақидонаи Форобӣ ва Тусӣ, ки шаккокиро воситаи санҷиши ҳақиқат медонанд, бояд дар барномаҳои таълимӣ ҷорӣ шавад, то донишҷӯён ҷаҳонбинии мустақил ва интиқодӣ пайдо намоянд.

6. Таҳия ва нашри шарҳу тавзеҳоти муосир ба осори мантиқии Форобӣ ва Тусӣ. Азбаски осори онҳо бо забони мураккаб ва услуби куҳан навишта шудаанд, зарур аст шарҳ ва тарҷумаи муосир бо забони илмии имрӯз таҳия гардад, то истифодаи онҳо барои муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯён осон шавад.

7. Ташвиқи пажуҳишҳо оид ба нақши мантиқ дар ҷомеа. Бо такя ба андешаҳои Форобӣ ва Тусӣ дар бораи нақши мантиқ дар ташаккули ҷомеаи одилона ва ахлоқӣ, зарур аст таҳқиқоти муосир ба роҳ монда шавад, ки мантиқро заминаи фарҳанги сиёсии солим ва идоракунии масъул арзёбӣ намояд.

8. Истифодаи фалсафаи мантиқ дар таҳлили равандҳои сиёсӣ. Чунонки Форобӣ мантиқро бо сиёсати ахлоқӣ ва идораи ҷомеаи идеалӣ мепайвандад, тавсия мешавад, ақидаҳои ӯ дар таҳияи стратегияҳои сиёсати ҷамъиятӣ, фарҳанги идоракунӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ истифода шаванд.

9. Таҳқиқоти муқоисавӣ байни фалсафа ва мантиқи мутафаккирони шарқию ғарбӣ. Муқоисаи таълимоти Форобӣ ва Тусӣ бо фалсафаи Арасту, Декарт, Кант ва дигар файласуфон метавонад ба густариши муколамаи илмӣ байни тамаддунҳо ва таҳкими фаҳмиши мутақобил миёни Шарқ ва Ғарб мусоидат кунад.

10. Тақвияти худшиносии миллӣ ва маънавӣ. Арҷгузорӣ ба саҳми мутафаккирони форсизабон дар рушди мантиқ ва

фалсафаи ҷаҳонӣ метавонад дар ташаккули ифтихори миллӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангӣ нақши муҳим бозад. Ин амал тавассути ВАО, чорабиниҳои фарҳангӣ ва озмунҳои илмӣ амалӣ мешавад.

11. Дастгирии сиёсӣ ва институти таҳқиқотӣ. Зарур аст, ки давлат ва муассисаҳои илмӣ барномаҳо ва лоиҳаҳои муҳим дар бораи таълимоти мантиқии мутафаккирони гузашта, бахусус, Форобӣ ва Насируддини Тусиро дастгирӣ намоянд. Ин иқдом ба эҳёи анъанаи мантиқӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ дар шароити муосир мусоидат хоҳад кард.

12. Таъмини баробарии иҷтимоӣ. Аз нигоҳи методологӣ таъмини баробарии иҷтимоӣ, ки дар он андешаҳои илмӣ-фалсафии мутафаккирони тоҷик инъикос ёфтааст, барои ҳамаи давраҳои таърихӣ аҳаммияти илмӣ дорад. Дар шароити кунунӣ андешаҳои мутафаккирон ҳамчун заминаи илмӣ барои таъмини бонизоми афкори илмӣ шароит фароҳам оварда, дар рушди тафаккури алтернативӣ таъсиргузор хоҳанд буд.

13. Таҳияи дастуру китобҳои мантиқӣ. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта лоиҳаи фарогире таҳия гардидааст, ки дар ҷадвали тасвибии он китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои тамоми омӯзандагони зинаи бакалавриат ва мутахассисон ба нақша гирифта шуда, дар назар аст, ки баъд аз амалишавии он ихтилофоти эътиқодӣ-догматикӣ коста гардида, мазмуни матолиб рушддиҳандаи ҷаҳонбинии илмӣ хоҳанд буд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Монографияҳо:

[1-М]. Сулаймонов, Б.С. Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов. – Душанбе: «Сифат чоп», 2025. – 438 с.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[2-М] Сулаймонов, Б.С. Мантиқи Форобӣ – илми фалсафӣ-инструменталӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – №1 (37). – С. 176-182. – ISSN 2226-9355.

[3-М] Сулаймонов, Б.С., Мирова Н.Р. Нақши маърифати ҳиссӣ дар таълимоти Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов, Н.Р. Мирова // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №3 (47). – С. 222-228. – ISSN 2664-0651.

[4-М] Сулаймонов, Б.С. Тақсимоти назарияи қиёс аз нигоҳи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С. 155-161. – ISSN 2226-9355.

[5-М] Сулаймонов, Б.С., Кенҷаева Л.Э. Таснифи қазияҳо аз дидгоҳи Муаллими сонӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов, Л.Э. Кенҷаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С. 225-231. – ISSN 2074-1847.

[6-М] Сулаймонов, Б.С. Таҳлили қазияҳои муттасила ва мунфасила аз дидгоҳи Хоҷа Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (269). – С. 37-42. – ISSN 2791-2639.

[7-М] Сулаймонов, Б.С. Нигоҳе ба фалсафаи мусиқии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №10. – С. 80-86. – ISSN 2074-1847.

[8-М] Сулаймонов, Б.С. Вклад Насируддина Туси в науку и восточную цивилизацию (Саҳми Насируддини Тӯсӣ дар илм ва тамаддуни Шарқ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 82-87. – ISSN 0235-005X.

[9-М] Сулаймонов, Б.С. Ҳамбастагиҳои забонӣ ва мантиқӣ аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – №2 (46) – С. 27-33. – ISSN 2226-9355.

[10-М] Сулаймонов, Б.С. Назарияи мафҳум аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (5). – С. 62-68. – ISSN 2710-4672.

[11-М] Сулаймонов, Б.С. Хусусияти маърифати илмӣ дар таълимоти маърифатии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 85-90. – ISSN 0235-005X.

[12-М] Сулаймонов, Б.С. Масъалаи муносибати эҳсосот бо ақл дар таълимоти маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 109-115. – ISSN 2074-1847.

[13-М] Сулаймонов, Б.С. Усули хирадгароии шинохти олам аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2023. – №3. (27). – С. 110-117. – ISSN 2664-5696.

[14-М] Сулаймонов, Б.С. Личность Абунасра Фараби и его наследие с точки зрения исследователей и историков Востока (Шахсияти Абунасри Форобӣ ва мероси ӯ аз дидгоҳи муҳаққиқон ва таърихнигорони Шарқ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – №1 (270). – С. 39-44. – ISSN 2791-2639.

[15-М] Сулаймонов, Б.С. Мубрамияти таърихии илми мантиқ ва аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – №3 (272). – С. 38-43. – ISSN 2791-2639.

[16-М] Сулаймонов, Б.С. Ҷойгоҳи китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ дар рушду ташаккули категорияҳои илмӣ-мантиқӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – С. 191-196. – ISSN 2074-1847.

[17-М] Сайфуллаев Н.М., Сулаймонов, Б.С. Таҳлили масоили назарияи бурҳон андар осори мантиқии Хоҷа Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов, Н.М. Сайфуллаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – С. 33-40. – ISSN 0235-005X.

[18-М] Сулаймонов, Б.С. Тафаккури мантиқӣ ягона дастгоҳи инъикоскунандаи мафҳумҳои маърифатӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2024. – №1 (29). – С. 109-116. – ISSN 2664-5696.

[19-М] Сулаймонов, Б.С. Шинохти иктисобии мақулаи ҳад ва моҳияти мантиқии он аз рӯйи китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 138-143. – ISSN 0235-005X.

[20-М] Сулаймонов, Б.С. Предпосылки возникновения и развития логического мышления на средневековом Востоке (Заминаҳои пайдоиш ва рушди тафаккури мантиқӣ дар Шарқи асримиёнагӣ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 86-91. – ISSN 2074-1847.

[21-М] Сулаймонов, Б.С. Маърифати мутақобилаи фалсафа ва илм аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №7. – С. 116-121. – ISSN 2074-1847.

[22-М] Сулаймонов, Б.С. Назарияҳои асосноккунии маърифатӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 124-130. – ISSN 2074-1847.

[23-М] Сулаймонов, Б.С., Кенҷаева, Л.Э. Ҷойгоҳи куллиёти панҷгона дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ва нақши онҳо дар рушди малакаҳои фикрӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов, Л.Э. Кенҷаева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.

Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4. – С. 70-77. – ISSN 0235-005X.

[24-М] Сулаймонов, Б.С. Субъективизм ва меъёрҳои моҳиятии аломатҳои асосии объектҳо дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №1. – С. 151-157. – ISSN 2074-1847.

[25-М] Сулаймонов, Б.С. Усули шинохти қазияҳои мураккабу ҷиҳатӣ ва фарқияти онҳо дар таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ – Душанбе, 2025. – №1 (17). – С. 37-44. – ISSN 2710-4672.

[26-М] Сулаймонов, Б.С. Қиёс ҳамчун шарти инъикоси фикр дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №1. – С. 60-66. – ISSN 0235-005X.

[27-М] Сулаймонов, Б.С., Фозилов О.М. Мафҳум ва моҳияти он ҳамчун раванди инъикоси маърифат дар низоми мантиқи муосир [Матн] / Б.С. Сулаймонов, О.М. Фозилов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2025. – №1 (01). – С. 184-191. – ISSN 3079-7403.

[28-М] Сулаймонов, Б.С., Фозилов О.М. Таъсири афкори фалсафии Абунасри Форобӣ дар ташаккул ва рушди афкори фалсафаи асримиёнагии ғарбӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов, О.М. Фозилов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2. – С. 159-166. – ISSN 0235-005X.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[29-М] Сулаймонов, Б.С. Фанни шеър ҳамчун саноати чаҳоргона дар таълимоти мутафаккирони машшоӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии

байналмилалӣ таҳти унвони: «Мушкилоти мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир» . – Душанбе (23-24.12.), 2022. – С. 55-59. – ISSN 987-99985-64-96-1.

[30-М] Сулаймонов, Б.С. Ҷойгоҳи Насируддини Тусӣ дар илм ва тамаддуни Шарқ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони «Масоили мубрами арабшиносӣ». – Душанбе (28.10.), 2022. – С. 84-90. – ISSN 978-99985-0-025-9.

[31-М] Сулаймонов, Б.С. Влияние древних и средневековых переводческих школ в развитии философского мышления Абунасра Фараби (Таъсири мактабҳои тарҷумонии қадим ва асримиёнагӣ дар рушди тафаккури фалсафии Абунасри Форобӣ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – Алматы – Казахстан ( 20.02.), 2023. – С. 395-400. – SJIF 2019 - 5.11 2020 - 5.497 ISI 2019 – 0.172

[32-М] Сулаймонов, Б.С. Тамсил ва аҳкоми қиёсии он аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони «Нақши Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули илм ва фалсафаи Шарқ». – Душанбе (11.10.), 2023. – С. 151-158. – ISSN 978-99985-41-38-2.

[33-М] Сулаймонов, Б.С. Подготовка работы «Классификация наук» Абунасра Фараби в качестве предпосылок расширения и развития научного мышления на востоке (Омода намудани асари «Эҳсо-ул-улум»-и Абунасри Форобӣ ҳамчун шарти тавсеа ва рушди тафаккури илмӣ дар Шарқ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ зери унвони «Фаҳмиши фалсафии мушкилоти инноватсионӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик». – Душанбе (28.11.), 2023. – С. 40-48. – ISSN 978-99985-0-164-5.

[34-М] Сулаймонов, Б.С. Анализ философских и логических категорий в книге «Слова, употребляемые в логике» Абунасра Фараби (Таҳлили мақулаҳои мантиқӣ-фалсафӣ дар китоби «Лафзҳои истифодашаванда дар мантиқ»-и Абунасри Форобӣ) [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маҷаллаи илмии ҳармоҳа. – Екатеринбург, 2023. – Ҷ. III – №87. – С. 58-64. – ISSN Print 2412-5291

[35-М] Сулаймонов, Б.С. Тақвияти худшиносии миллӣ – омили устуворӣ ва рушди идеяи миллӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Илм ва ҷомеа – маҷаллаи академии илмию оммавӣ. 2023. – №1 (31) – С. 115-124.

[36-М] Сулаймонов, Б.С. Нигоҳи иҷмолӣ ба фалсафаи иҷтимоии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Институти оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нақши он дар рушди сармояи инсонӣ. – Душанбе (17.05.), 2024. – С. 182-189. – ISBN 978-99975-64-94-8.

[37-М] Сулаймонов, Б.С. Аҳаммияти омӯзиши таърихии илми мантиқ ва алоқамандии он бо дигар илмҳо аз нигоҳи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир». – Душанбе (16-17.10.), 2024. – С. 447-473.

[38-М] Сулаймонов, Б.С. Дақиқнигорӣ андар риёзиёти донишмандони машшоӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ зери унвони «Масъалаҳои умдаи риёзиёт дар осори Абурайҳони Берунӣ, Абуали ибни Сино ва Умари Хайём». – Душанбе (27.12.), 2024. – С. 319-324.

[39-М] Сулаймонов, Б.С. Таъсири ратсионализми илмӣ дар ташаккул ва рушди андешаи миллӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарӣ зери унвони «Мушкилоти мубрами илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ». – Душанбе (28.03.), 2025. – С. 40-45.

[40-М] Сулаймонов, Б.С. Таъсири афкори мантиқии Арасту дар рушд ва инкишофи назарияҳои илмии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарӣ зери унвони «Ҳамгироии илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди устувори ҷомеа дар асри рақамӣ». – Душанбе, (21-26.04.), 2025. – С. 60-65.

[41-М] Сулаймонов, Б.С. Аҳаммияти омӯзиши илми мантиқ ва зарурати таҳқиқи он дар шароити бархӯрди

андешаҳои замони муосир [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Вазъ ва мушкилоти таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, (02.05.), 2025. – С. 79-90.

[42-М] Сулаймонов, Б.С. Нақши фазилати ахлоқ дар ташаккули ҳувияти миллӣ аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – Алматы – Казахстан ( 15.08.), 2025. – С. 91-100. ISBN 3007-8946.

[43-М] Сулаймонов, Б.С. Консепсияи ҷомеаи ормонии ҳувиятсоз дар таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – Алматы – Казахстан (30.09.), 2025. – С. 20-27. ISBN 2023-5.95 2024-5.99

[44-М] Сулаймонов, Б.С. Ҷойгоҳи ҳокимияти сиёсӣ ва равандҳои таҳкимбахшандаи ҳувиятсози миллӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Абуали ибни Сино [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули илм ва фарҳанги башарият». – Душанбе, (11.11.), 2025. – С. 338-345.

[45-М] Сулаймонов, Б.С., Абдуллоев К.К. Анализ роли электронных образовательных ресурсов в поликультурном обучении (Таҳлили нақши захираҳои электронии таълимӣ дар раванди омӯзиши бисёрфарҳангӣ) [Текст] / Б.С. Сулаймонов, К.К. Абдуллоев // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Маориф ва муколамаи фарҳангҳо: анъанаҳо дар замони муосир». – Набережные Челны, (27.11.), 2025. – С. 779-786.

**IV. Дигар таълифот дар ин соҳа:**

[46-М] Сайфуллоев, Н.М., Сулаймонов, Б.С. Мантиқ. Дастури таълимӣ [Матн] / Н.М. Сайфуллоев, Б.С. Сулаймонов. – Душанбе, 2017. – 101 с.

[47-М] Сулаймонов, Б.С. Ҳазор ҳикмати ҳакимон [Матн] / Б.С. Сулаймонов. – Душанбе, 2019. – 91 с.

[48-М] Абунасри Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. Гуфтори муқаддимавӣ, шарҳу тафсир ва баргардони н.и.ф., дотсент Сулаймонов Б.С. [Матн] / Абунасри Форобӣ. –Душанбе: «Олами дониш», 2023. – 151 с.

[49-М] Сулаймонов, Б.С. Мантиқ [Матн] / Б.С. Сулаймонов. – Душанбе: «Олмаи дониш», 2023. – 214 с.

[50-М] Сулаймонов, Б.С. Назарияи мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ. Монография [Матн] / Б.С.Сулаймонов.– Душанбе: «Олами дониш», 2023. – 208 с.

[51-М] Сайфуллаев, Н.М., Сулаймонов, Б.С. Методические указания по выполнению логических задач и упражнений (Дастурҳо барои анҷом додани масъалаҳо ва машқҳои мантиқӣ) [Текст] / Н.М. Сайфуллаев, Б.С. Сулаймонов. Душанбе: «Сифат чоп», 2024. – 56 с.

[52-М] Абунаср ал-Фараби. Книга о словах, употребляемых в логике (“Лафзҳои истифодашаванда дар мантиқ”). Перевод с арабского, вводная статья и комментарии С. Сулаймонов, Б.С. Сулаймонов [Текст] / Абунаср ал-Фараби. – Душанбе: «Сифат чоп», 2024. 138 с.

**ТАДЖИКСКИЙ МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ ИМЕНИ СОТИМА УЛУГЗОДА**

УКД: 1 (091) (575.3) на правах рукописи

**СУЛАЙМОНОВ БАХМАНЁР САЙДИХСОНОВИЧ**

# ЛОГИКА И ЕЁ МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ РОЛЬ В УЧЕНИЯХ АБУНАСРА ФАРАБИ И НАСИРУДДИНА ТУСИ

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени
доктора философских наук по специальности
09.00.03 – История философии

**Душанбе – 2025**

Диссертация выполнена на кафедре философии и политологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода

| | |
|---|---|
| **Научный консультант**: | **Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевич** – доктор философских наук, профессор кафедры философии и политологии Российско-Таджикского (Славянского) университета. |
| **Официальные опоненты:** | **Ахмадов Саид** – доктор философских наук, профессор кафедры онтологии и терии познания философского факультета Таджикского национального университета;<br>**Зохидов Очил Ходжибоевич** – доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики;<br>**Рахимов Мухсин Хусейнович** – доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук Таджикского технического университета имени академика М.Осими. |
| **Ведущая организация:** | Таджикский педагогический университет имени Садриддина Айни |

Защита диссертации состоится 02 апреля 2026 г. в 14$^{00}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-092 при Таджикском национальном университете (734025 г. Душанбе, пр. Рудаки, 17).

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025 г. Душанбе, пр. Рудаки, 17) и на сайте www.tnu.tj

**Автореферат разослан**: «__» _______________ 2026 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат философских наук** Хаитов Ф.К.

## Введение

**Актуальность темы исследования.** Актуальность данного исследования заключается в том, что на современном этапе развития философских наук анализ логических учений персидско-таджикских мыслителей – Абунасра Фараби и Насируддина Туси обладает не только значимой теоретической ценностью, но и отвечает практическим потребностям в изучении философского наследия для более глубокого осмысления рациональных основ и культурных истоков стран Востока.

В условиях глобализации науки и диалога цивилизаций рассмотрение логико-философских систем мыслителей прошлого приобретает особую актуальность. Логические и гносеологические воззрения Абунасра Фараби и Насируддина Туси до настоящего времени остаются в центре внимания отечественных и зарубежных исследователей. Несмотря на то, что о наследии этих двух мыслителей написано немало научных трудов, целостный и методологически выверенный анализ их учений в области логики и гносеологии, особенно в сравнительном плане, до сих пор не был осуществлён. В связи с этим автор предпринял попытку восполнить данный теоретический пробел.

Предмет исследования, с одной стороны, соотнесён с фундаментальной проблемой истории логики и философии – развитием и эволюцией логического мышления и гносеологической системы в учениях указанных мыслителей с другой – затрагивает современные научно-методологические дискуссии о характере средневековой восточной философии. Одним из важнейших в этих дискуссиях является следующий вопрос: была ли персидско-таджикская философия лишь воспроизведением античной традиции или же она обладала собственным, оригинальным теоретическим строем со своей структурой, целями и методологией? Исследование концепций Фараби и Насируддина Туси о понятии и суждении, силлогизме и доказательстве, а также о проблемах познания может внести весомый вклад в разрешение данного вопроса.

Значимость темы проявляется также на уровне методологии. В большинстве предшествующих исследований по данной проблеме преобладал описательно-исторический подход, тогда как текстологический, герменевтический и сравнительно-сопоставительный анализ логических категорий этих мыслителей оставался ограниченным. В связи с этим данное исследование, опирающееся на современные логико-философские методы и

текстологический анализ, соответствующие актуальным научным стандартам, способно внести вклад в совершенствование научной методологии философии и логики.

Вместе с тем, несмотря на широкое исследование философских идей Фараби и Насируддина Туси, большинство научных работ преимущественно посвящены их социальным, этическим и социально-политическим взглядам, тогда как разработанная ими логическая система не подвергалась всестороннему рассмотрению. Учитывая современный рост интереса к науке и философии, изучение их логического наследия имеет принципиальное значение для раскрытия вклада персидско-таджикской культуры и средневековой цивилизации в формирование универсального разума и познавательных традиций человечества.

Актуальность темы исследования усиливается и тем обстоятельством, что в современном научно-философском пространстве возрастает потребность в разработке новых научных и культурных моделей понимания логики, гносеологии и рациональных оснований мышления. В этом контексте наследие Фараби и Насируддина Туси выступает не просто частью прошлого, но и ценным ресурсом для воспитания критического мышления и навыков научного анализа в морально-культурных условиях современности.

Практическая значимость исследования также достаточно высока. Его результаты могут быть использованы при совершенствовании учебных программ по направлениям «Логика», «Теория познания», «История философских учений», «Философия и методология науки», «История и философия науки» и др. Научные выводы могут быть основой для разработки учебно-методических пособий, которые будут способствовать более глубокому освоению логики и философии в учреждениях высшего образования.

Также результаты данного исследования имеют практическое значение для подготовки специализированных философских, логических словарей, учебников и учебных пособий.

**Степень изученности научной темы.** Анализ научной литературы, имеющей отношение к теме настоящей диссертации, показывает, что отдельные ее аспекты в философской науке, особенно в области истории философии и современной философской мысли, в разные периоды становились предметом внимания исследователей. Несмотря на то, что о философской

деятельности этих двух мыслителей опубликовано множество работ, однако специальное и системное исследование их логико-гносеологических систем в сравнительном до настоящего времени предпринято не было.

1. результаты изучения исторических условий жизни и анализа источников формирования мировоззрения, творчества и философских идей Абунасра Фараби [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 14; 43], включая его антропологические, социологические и натурфилософские воззрения, нашли отражение в трудах ряда исследователей. Отдельные аспекты учения Фараби рассматривались в научных работах Н. Решера [67; 68], М. Хайруллаева [40; 41], Б.Г. Гафурова [23], А. Касымжанова [31], А.В. Сагадеева [35], Б. Шукри [69], С. Чатти [54], Дж. ал-Имрани [56], Ж. Ламир [64], Ф.В. Зиммермана [71], А.Л. Казибердова, С.А. Муталибова [30], Р.Д. Ардакани [17], Махмуд Мухаммада Али [42], Н.М. Сайфуллаев [39], З.М. Диноршоевой [27] и др.

Анализ трудов этих авторов показывает, что логико-гносеологические идеи Фараби в их исследованиях представлены в основном фрагментарно и преимущественно как сопутствующие элементы более широких тем – логики, гносеологии, космологии, социологии, этики, поэтики и других областей. При всём ценном вкладе указаных учёных, логическая концепция Фараби, как правило, рассматривалась в расширенном контексте, но сравнительный целостный и системный анализ структуры его логического мышления и его связи с гносеологической системой до сих пор не был выполнен в полном объёме.

Изучение исторических, философских и научных аспектов жизни и творчества Насируддина Туси [11; 12; 13] также занимает значительное место в исследованиях как отечественных, так и зарубежных учёных. В первую очередь, внимание уделялось политическим, социальным, экономическим и культурным условиям эпохи Туси, развитию точных наук в XIII веке и выдающемуся вкладу мыслителя в этот процесс. Его учение в области философии, логики, этики, натурфилософии, а также роль в укреплении научных основ государственного и общественного управления стали важными достижениями исследовательских изысканий.

В этом контексте представляют интерес научные труды В.В. Бартольда [18; 19], М. Диноршоева [26], Р. Груссе [46], Г. Зутера [73], Г.Д. Мамадбейли [33], Ф.Г. Максудова [32], М. Ризави [49], А.К. Рзаева [34], Е.С. Кеннеди [63], Н. Идибекова [29], М.М.

Зинджони [47], Х. Шоихтиёрова [78], Г.З. Саидовой [76] и других. Эти авторы освещают различные грани научной и философской деятельности Насируддина Туси, подчеркивая его значение как выдающейся личности в культурной истории средневекового ирано-таджикского мира.

2. Ряд научных работ непосредственно посвящён изучению логико-гносеологических аспектов наследия этих двух мыслителей. В них рассматриваются различные вопросы, связанные с методами логического анализа, взаимосвязью психических процессов с абстрактным мышлением, отношением логики и философии, ролью языка в познании, когнитивными возможностями человека, разновидностями суждений и умозаключений, а также гносеологическими и эпистемологическими проблемами. В частности, предметом рассмотрения становились виды силлогистических рассуждений – аподейктических, диалектических, софистических, риторических и др. Существенное внимание уделялось роли языка и речи как средств передачи знания, что занимало значимое место в логических построениях Фараби. В этом контексте можно выделить работы М.С. Бурабаева, А.С. Иванова, Е.Д. Харенко [20], М.С. Бурабаева, А.М. Кенисарина, Г.В. Курмангалиевой [21], Б.С. Сулаймонова [77], Ж. Алтаева [16] и других, где рассматриваются логическая методология Фараби, связь логики с языковыми процессами, а также вопросы познания и логики в современном прочтении.

Что касается Насируддина Туси, то исследования, специально посвящённые логике, до настоящего времени остаются относительно ограниченными. Помимо трудов Э.М. Мамедова [75; 81] и Л.Э. Кенджаевой [74], исследовавших отдельные аспекты логического учения Туси, пока не проведено целостного и системного анализа его логических воззрений. Учитывая значительный вклад Насируддина Туси в развитие логической системы, особенно в его труде «Асас аль-иктибас», такое положение дела свидетельствует о серьёзном теоретическом пробеле в изучении его наследия.

3. Кроме того, в ряде отдельных статей, посвящённых вопросам логики, рассматривались вопросы о задаче логики как инструмента научного познания, её связи с языком, а также о значении учения Фараби о понятии, суждении, умозаключении и выводе. Наряду с этим, в некоторых публикациях проводились предпринимались попытки сравнения логических идей Фараби с воззрениями античных и восточных мыслителей, включая

Аристотеля [8; 9; 10] и Ибн Сины [36; 37; 38; 39; 50; 51 52; 53]. В частности, такие вопросы рассматривались в исследованиях Г. Шаймухамбетовой [85], Р.Н. Насирова [82], Н.Н. Караева [80], Орифа Ризо [84], А. Марун, Дж. Шойлера [65], Б.Л. Дебораха [55], М.С. Галстона [57; 58], Н. Джермана [59], К. Гайкея [60], Ф.С. Хаддада [61], К. Каримуллаха [62], С. Тюркера [70], М. Зонта [72] и других.

Тем не менее, статьи, посвящённые глубокому изучению логики Насируддина Туси, как уже отмечалось, остаются немногочисленными. Среди них можно выделить также работы П. Мураввиджа [66], А.Г. Палангова [83], А.А. Бабаева, В.Ф. Меджлумбековой [79] и других, которые затрагивают отдельные стороны логических воззрений Туси, однако не раскрывают структури его логического учения, его отношение к философско-логическим построениям Аристотеля и Фараби, а также не определяют его место среди средневековых логиков ирано-таджикской традиции.

Несмотря на то, что в современной науке ряд отечественнх исследователой – А.М. Баховаддинов, М. Осими, М. Болтаев, М. Диноршоев, Г. Ашуров, Н. Саид, Н.М. Сайфуллаев, А. Ахмадов, О. Зохидов, Ф.Б. Худойдодзода, Ё. Ниёзи и другие, провели ценные исследования в области изучения философских и логических взглядов Абунасра Фараби и Насируддина Туси, однако ряд ключевых аспектов данной проблемы до сих пор не получили всестороннего научного освещения. В частности, вопросы, касающиеся систематизации логического учения Фараби и Туси, сравнительного анализа их теорий, классификации научных понятий, а также вопрос о методологической и эпистемологической оценке их трудов до настоящего времени остаются недостаточно исследованными. Данное обстоятельство обуславливает необходимость проведения нового, комплексного и самостоятельного исследования, которое охватывало бы системный, сравнительный и методологический подходы данной проблемы.

При всём ценном вкладе исследователей, системный анализ логико-гносеологического учения Насируддина Туси, в частности, в его соотнесённости с логикой как инструментм познания, с учением о доказательстве и с основными категориями логического мышления, ещё не стал предметом глубокого сравнительного рассмотрения. Поэтому возникает потребность всестороного исследования логических воззрений этих двух

великих мыслителей, где посредством сравнительного анализа будет выявлено как общее, так и особенное в их учениях.

**Связь исследования с программами либо научной тематикой.** Диссертационная работа подготовлена в соответствии с научно-исследовательским планом кафедры философии и политологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода и имеет прямую связь с научным проектом «Исследование национальных идей в учениях таджикских мыслителей и формирование концепции национального самопознания» (РБ № 0125TJ, срок реализации: 01.01.2025 – 31.12.2028). Данное исследование, включающее изучение философского наследия восточных мыслителей и анализ логико-гносеологических проблем, является составной частью научно-образовательной деятельности кафедры.

Настоящее исследование органически связано с научно-стратегическими направлениями, имеющие особую актуальность, в том числе: развитие философской мысли в постсоветском пространстве; возрождение духовного наследия Востока; укрепление национального самосознания посредством глубокого освоения научных идей и творческого наследия великих предшественников; распространение логики и критического мышления в образовательной системе.

Диссертация соответствует приоритетным направлениям политики Республики Таджикистан, в сфере науки, в частности, программам, связанным с возрождением научного наследия предков, укреплением национальной идентичности на основе изучения философской и логической мысли, развитием современной философии и совершенствованием методологии исследований в системе высшего образования. В данном контексте взаимосвязь темы диссертации с важнейшими научными программами и направлениями оценивается как основательная и достоверная не только в рамках деятельности одной кафедры, но и в свете общих задач развития философской науки и сохранения рационально-духовных ценностей таджикской культуры.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Основная цель настоящего исследования заключается в глубоком и сравнительном анализе логико-гносеологических учений Абунасра Фараби и Насируддина Туси, посредством которого определяется и обосновывается вклад этих выдающихся мыслителей в

формирование традиции логики и системы познания. Эта цель направлена на решение важной и до сих пор полностью не разработанной научной проблемы – упорядоченного и эффективного понимания логического учения двух мыслителей, сыгравших роль связующего звена между классической философией Древней Греции и интеллектуальными традициями средневекового мусульманского Востока.

В ходе исследования данная цель реализуется через решение ряда актуальных задач: анализ ключевых понятий; рассмотрение методологических подходов; глубокое изучение логических трудов Фараби и Насируддина Туси; сопоставление терминологии и рассмотрение гносеологических учений в рамках логической системы. В результате этого проведена теоретическая систематизация логико-гносеологических учений двух мыслителей, осущесттвляется разработка аналитической модели познания и доказательства в их трудах, а также определяется их влияние на дальнейшее развитие логической науки и философии.

**Задачи исследования.** С учётом основной цели работы – всестороннего и сравнительного анализа логико-гносеологических учений Абунасра Фараби и Насируддина Туси, а также выявления их места в развитии логики и философии – сформулированы следующие задачи:

- определить исторические, социальные и культурные предпосылки формирования логико-гносеологических идей этих мыслителей в условиях средневекового Востока, с учётом роли научных центров, в частности, «Байт аль-хикма» («Дома мудрости»), и общего состояния науки того времени;
- провести глубокий анализ логических трудов Абунасра Фараби и Насируддина Туси с использованием герменевтического, терминологического и структурного подходов, в особенности таких произведений, как «Ихса аль-улум» («Классификация наук»), «Китаб аль-кийа̄с» («Книга о силлогизме»), «Китаб аль-хуруф» («Книга букв»), «Асас аль-иктибас» («Основы заимствования») и «Таджрид аль-мантик» («Абстракция в логике»);
- подробно проанализировать основные логические понятия и категории (понятие, суждение, силлогизм, доказательство) в трудах обоих мыслителей и выявить их теоретические особенности по отношению к научному познанию и методам доказательства;

- определить влияние философии Древней Греции, особенно учения Аристотеля, на логические системы Фараби и Насируддина Туси, проследив характер восприятия, переработки и адаптации этих учений в интеллектуальной среде средневекового Востока и последующих эпох;
- оценить логико-языковую деятельность и научное терминотворчество Фараби и Насируддина Туси, которые сыграли ключевую роль в становлении языка логики и философии;
- провести сравнительный анализ логических учений Фараби и Насируддина Туси с целью выявить как общие идеи, так и принципиальные различия в их гносеологическом и логическом подходах;
- разработать классификационные схемы и аналитические модели познания и доказательства в трудах двух мыслителей как основу для оценки их логических систем и возможности их сопоставления с современными исследовательскими подходами;
- определить теоретическую и практическую значимость логических учений Фараби и Насируддина Туси, особенно в сфере образования, методологии научных исследований и развития гуманитарных и социальных наук в современном контексте;
- предложить научные рекомендации по применению результатов исследования в преподавании философии и логики, в подготовке вузовских методических пособий с целью совершенствования учебного материала;
- обосновать личный вклад автора в разработку методологических, концепции и получение научных результатов исследования, что выражается в самостоятельном анализе теоретического и эмпирического материала публикации статей и активном участии в научных дискуссиях.

**Объект исследования** – логико-гносеологические воззрения Абунасра Фараби и Насируддина Туси.

**Предмет исследования.** Содержание и особенности логико-гносеологической системы Фараби и Насируддина Туси в контексте их философских и исторических трудов.

**Этапы, место и период исследования (исторические рамки исследования).** Диссертационное исследование проводилось в 2020-2025 гг. на кафедре философии и политологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода.

**Теоретические основы исследования.** Теоретическая база работы сформирована на основе философских и логических концепций, которые служат методологическим и научным фундаментом исследования. Основное внимание уделяется тому, каким образом Абунаср Фараби и Насируддин Туси, опираясь на наследие Древней Греции и социально-культурную среду Средневековья, создали самостоятельную систему логико-гносеологического учения.

Фундамент исследования восходит к логическому учению Аристотеля и философии Платона, которые в трудах Фараби и Туси получили новое содержание и оригинальное переосмысление. Согласно их взглядам, логика представляет собой не только формальную дисциплину, упорядочивающую мышление, но и основу познания, этики и социального устройства.

Исследование осуществлялось с использованием исторического метода, а также с опорой на современные философские исследования. Главная задача выполненной работа – критический и сравнительный анализ логики Фараби и Туси. Такой подход позволяет выявить процессы развития познавательных структур и обоснования логической науки в их философских воззрениях.

Одновременно в работе рассматриваются такие малоизученные вопросы, как теория аргументации и основания этики, что позволяет выявить существующие научные пробелы и создать предпосылки для построения новой модели логико-философского анализа.

**Методологические основы исследования.** Методология исследования опирается на совокупность исторического, логического, сравнительного, системного, текстологического, содержательного и герменевтического подходов. Историко-логический метод используется для анализа развития логико-гносеологических идей в трудах Фараби и Туси в социально-историческом контексте; сравнительный подход позволяет рассматривать их в связи с наследием античности и восточной традицией. Системный метод выявляет функциональную структуру и взаимосвязь логических законов, текстологический и содержательный анализ направлены на изучение терминологии, языка и стиля произведений. Герменевтический подход помогает раскрыть первоначальный смысл понятий в историческом контексте, а критический анализ – выявить существующие научные пробелы. Таким образом, совокупность указанных

методов служит основой для построения аналитической системы и научной оценки логико-гносеологических учений Фараби и Насируддина Туси.

